Ташнаю дар баробар оби зулол,
Ташнатар з-он, ки буд аввали ҳол.
Он шаб аз рахнае, ки дошт дилаш,
З-оби дида шукуфта кард гулаш[1].
Гуфт бо курд: «Эй ғарибнавоз,
Аз ғарибон басе кашидӣ ноз!
Нури чашмам бино ниҳодаи туст,
Чун ба хонрезаи ту парвардам,
Дилу ҷон ҳар ду боздодаи туст!
Неъмат аз хони ту басе хӯрдам…
Беш аз ин меҳмон нашояд буд,
Намаке бар ҷигар нашояд суд![2]
Бар қиёси наволахории[3] ту,
Н-ояд аз ман сипосдории[4] ту.
Гарчӣ темор дорам аз дурӣ,
Хоҳам аз хизмати ту дастурӣ[5].
Дергоҳест аз вилояти хеш,
Дурам аз кору аз кифояти[6] хеш.
Азм дорам, ки бомдоди пагоҳ,
Сӯи хона кунам азимати роҳ.
Гар ба сурат ҷудо шавам зи барат,
Набурад ҳимматам зи хоки дарат!
Чашм дорам ба чун ту чашмаи нур,
К-аз даруни дилам надорӣ дур.
Ҳимматамро кушодабол кунӣ,
Он чӣ хӯрдам, маро ҳалол кунӣ!»

## Савол ва супориш

**1.Дар хонаи курд ба Хайр чӣ гуна муносибати нек карданд?**

**2.Баъди шифо ёфтану чашм кушодани Хайр дар оилаи**

---

[1] **Гул** – ин ҷо киноя аз рӯй.
[2] **Намак бар ҷигар судан** – азоб додан.
[3] **Наволахорӣ** – бахшиш хӯрдан, насиба хӯрдан.
[4] **Сипосдорӣ** – поси хотир доштан.
[5] **Дастурӣ** – рухсат, иҷозат.
[6] **Кифоят** – даромад.

**курд чӣ дигаргунӣ рух дод?**
**3.Хайр ба кадом корҳо машғул гашт?**
**4.Хайр аз курд чӣ хоҳиш кард?**
**5.Матнро хонда мазмунашро нависед.**

Чун сухангӯ сухан ба охир бурд,
Дар зад оташ ба хайли[1] хонаи курд!
Гиряи курдӣ аз миён бархост,
Ҳойҳуе баромад аз чапу рост.
Курд гирёну курдзода батар,
Мағзҳо хушку дидаҳо ҳама тар!
Аз паси гиря сар фурӯ бурданд,
Ҷӯи обе буданд, афсурданд.
Сар баровард курди равшанрой[2]
Кард холӣ зи пешкорон[3] ҷой.
Гуфт бар Хайр: «Эй ҷавони хамӯш,
Зираку хубу меҳрубону баҳуш!
Рафта гират ба шаҳри худ боре,
Хӯрда аз ҳамраҳе дигар хорӣ!
Некмардон ба бад инон[4] надиҳанд,
Дӯстонро ба душманон надиҳанд!
Ҷуз яке духтари азиз маро,
Низ бисёр хаст чиз маро.
Духтари меҳрубони хизматдӯст,
Зишт бошад, ки гӯямаш: «На накӯст».
Гарчӣ дар нофа[5] мушк ҳаст ниҳон,
Ошкорост бӯи ӯ ба ҷаҳон!
Гар ниҳӣ дил ба мою духтари мо,
Ҳастӣ аз ҷон азизтар бари мо![6]
Бар чунин духтаре, ба озодӣ[7]

---

[1] **Хайл** – гурӯҳ, ҷамоат.
[2] **Равшанрой** – хушфикр, доно, оқил.
[3] **Пешкор** – хизматгор.
[4] **Инон** – лаҷом, ба бад инон додан – ба бад ихтиёр надодан.
[5] **Нофа** – мушкдон.
[6] **Бари мо** – барои мо, дар назари мо.
[7] **Ба озодӣ** – яъне ба розигии худ.

Ихтиёрат кунам[1] ба домодӣ!»
Хайр, к-ин хушдилӣ шунид аз курд,
Саҷдае[2], ончунон ки шояд бурд.
Чун бад-ин фаррухӣ[3] сухан гуфтанд,
Аз сари нозу хушдилӣ хуфтанд[4].
Субҳи содиқ бибаста буд камар,
Мурғ нолид чун ҷалоҷили[5] зар...
Курди хушдил зи ҷойгаҳ бархост,
Кард кори никоҳ кардан рост.
Духтари хешро супурд ба Хайр...
Шодмон зистанд ҳар ду ба ҳам,
З-он ҷӣ бояд, набуд чизе кам.
Чун аз он марғзору обу дарахт,
Баргирифтанд сӯи саҳро рахт[6].
Хайр сӯи дарахти сандалбӯй[7],
Ки аз ӯ халқ буд дармонҷӯй.
На зи як шох, аз сутуни ду шох,
Чид бисёр баргҳои фарох.
Кард аз он баргҳо ду анбон[8] пур,
Таъбия[9] дар миёни бори шутур.
Он яке бар илоҷи саръу зуком,
В-он дигар худ давои дида тамом.
Ба кас аҳволи барг бознагуфт,
Он даворо зи дида дошт нуҳуфт.

Хайр бо давое, ки курд ба вай нишон дода буд, ба беморони бисёре ёрӣ расонд, ин буд, ки:

---

[1] **Ихтиёр кардан** – лоиқ донистан, муносиб дидан.
[2] **Саҷда бурдан** – таъзим кардан.
[3] **Фаррухӣ** – муборакӣ, бахосиятӣ.
[4] **Хуфтанд** – хобиданд.
[5] **Ҷалоҷил** – зангӯла.
[6] **Рахт баргирифтан** – сафар кардан, ба роҳ даромадан.
[7] **Сандалбӯй** – хушбӯй.
[8] **Анбон** – халта.
[9] **Таъбия** – ҷой додан.

Аз накӯию аз латофату[1] рой[2],
Дар дили халқ шуд мар-ӯро ҷой.
То чунон шуд, ки аз накӯии бахт,
Бирасондаш ба подшоҳию тахт…

## Савол ва супориш

**1.Курди некрой ба Хайр чӣ насиҳат кард?**
**2.Барои чӣ курд духтарашро бо Хайр хонадор кард?**
**3.Баъд Хайр ба кадом кори нек даст зад?**
**4.Аз рӯи кадом корҳояш Хайр ба мартабаҳои баланд расид?**

…Аз қазо сӯи боғ шуд рӯзе,
Подшоҳею оламафрӯзе.
Шар, ки ҳамроҳ буд дар сафараш,
Огаҳӣ дошт ӯ зи хайру шараш.
Гуфт: «Ин мардро ба дарду ба доғ,
Аз пайи ман биёваред ба боғ!»
Хайр дар боғ рафту хуш бинишаст,
Курд пешаш нишаст теғ ба даст.
Шар даромад фарох карда ҷабин,
Фориғ аз Хайр бӯса дод замин.
Гуфт Хайраш: «Бигӯ, ки номи ту чист?
Эй ки хоҳад сари ту бар ту гирист!»
Гуфт: «Номам Мубашшири Сафарӣ,
Дар ҳама корномаи ҳунарӣ».
Хайр гуфто, ки: «Номи хеш бигӯй,
Рӯи худро ба хуни хеш машӯй!»
Гуфт: «Берун аз ин надорам ном,
Хоҳ теғам намой, хоҳӣ ҷом!»
Гуфт Хайр: «Эй ҳаромзодаи хас!
Ҳаст хунат ҳалол бар ҳама кас.
Шарри халқӣ, ки номи Шар дорӣ!

[1] **Латофат** – покдилӣ ва хушмуомилагӣ.
[2] **Рой** – ақл.

Сират[1] аз номи худ батар дорӣ!
Ту на онӣ, ки бо ҳазор азоб,
Чашми он ташна кандӣ аз пайи об?
Гавҳари чашму гавҳари камараш,
Ҳар ду кандию сӯхти ҷигараш!
Манам он ташнаи гуҳарбурда,
Бахти ман зинда бахти ту мурда!»
Шар, ки рухсори Хайр дид, шинохт,
Хешро бар сари замин андохт.
Гуфт: «Зинҳор агарчи бад кардам,
Дар бади ман мабин, ки худ кардам!
Гар ман он бо ту карда рӯзи нахуст,
Ояд аз номи чун мане ба дуруст.
Бо ман он кун, ки дар чунон хатаре,
Ояд аз номи чун ту номваре!»[2]
Хайр, к-он нукта дод бар ёдаш,
Кард холӣ зи куштан озодаш,
Шар чу аз теғ ёфт озодӣ,
Мешуду[3] медавид аз шодӣ.
Курди хунхор рафт бар асараш[4],
Теғ зад в-аз кафо бурид сараш!
Гуфт: «Агар Хайр ҳаст хайрандеш,
Ту Шарӣ, ҷуз шарат наёяд пеш!»
Дар танаш ҷусту ёфт ду гавҳар,
Таъбия карда дар миёни камар.
Омад, овард пеши Хайр фароз,
Гуфт: «Гавҳар ба гавҳар омад боз!»
Хайр бӯсиду пеши курд андохт,
Гавҳариро[5] ба гавҳаре бинавохт.
Даст бар чашми худ ниҳоду бигуфт:
«Аз ту дорам ман ин ду гавҳари ҷуфт!

---

[1] **Сират** – табиат, феълу хулқ.

[2] **Номвар** – номдор, машҳур.

[3] **Мешуд** – мерафт.

[4] **Бар асараш** – аз паяш.

[5] **Гавҳарӣ** – одами асил, хушзист, пурқимат, ин киноя аз курд.

Ин ду гавҳар бад-он шуд арзонӣ,
Ин гуҳарҳо турост, худ донӣ!»
Чунки шуд корҳои Хайр ба ком,
Халқ аз ӯ дид хайрҳои тамом.
Чун саодат бад-ӯ супурд сарир[1],
Оҳанаш зар шуду палос ҳарир.
Адлро устуворкорӣ дод,
Мулкро бар худ устуворӣ дод.
Баргҳоро к-аз он дарахт овард,
Роҳати ранҷҳои сахт овард.
Вақт-вақт аз барои дафъи газанд[2],
Тохтӣ сӯи он дарахти баланд.
Омадӣ зери он дарахт фуруд,
Доди он бумро салому дуруд.

## Савол ва супориш

**1.Лаҳзаи ба назди Хайр омадани Шарро нақл кунед.**
**2.Барои чӣ Хайр аз гуноҳи Шар гузашт? Ба ин гуна ҳаракати Хайр чӣ баҳо медиҳед?**
**3.Аз ҷониби курд кушта шудани Шарро чӣ сон мефаҳмед?**
**4.Бигӯед, ки Хайр ва Шар мувофиқи рафторашон оё подоши худро гирифтанд?**
**5.Дар ин қисса кадом образҳоро ба мушоҳида гирифтед? Ба хислату рафтори ҳар як образ ҷудогона баҳо диҳед. Нахуст онҳоро ба ҳамдигар қиёс кунед. Монандӣ ва фарқи образҳоро бо сатрҳо ва абёти матн исбот намоед.**
**6.Луғатҳои қиссаро комилан ҳифз ва ҳангоми навишт истифода баред.**
**7.Аз мутолиаи қисса чӣ хулоса ва натиҷа гирифтед. Дар мавзӯи «Некӣ бимонад ҷовидон» ё «Некӣ куну нек андеш, то нек бинӣ беш» кори хаттӣ (иншо) нависед.**

[1] **Сарир** – тахт.
[2] **Газанд** – зиён, зарар.

# МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ ВАЗНИ ШЕЪР

Асарҳои бадеӣ ду шакли ифода доранд: назм ва наср.

Ҳангоми қироати осори назмӣ касро ҳаловате рух медиҳад, зеро назм суханест бо вазну қофия, ҳарфҳо чун шадда ба ришта кашида мешаванд ва оҳанги махсус пайдо мекунанд. Ин оҳанг гоҳе касро ба шӯр меорад, гоҳи дигар механдонад. Хулоса, дар шеър пайвастагӣ ва мавзунияте ҳаст.

Вазни шеъри тоҷикӣ ҳиҷоӣ мешаваду арӯзӣ. Дар шеъри ҳиҷоӣ теъдоди ҳиҷоҳои ҳар як мисраъ бояд баробар бошад. Масалан:

Бойчечаку бойчечак, 7
Гули хушрӯи химчак. 7
Гули гулҳо боёчечак, 7
Тоҷи баҳор бойчечак. 7

Дар шеъри арӯзӣ бошад, ҳиҷои дароз ва кӯтоҳ шарти асосист. Аз ин рӯ барои муайян кардани вазни шеъри арӯзӣ хусусиятҳои ҳиҷои дарозу кӯтоҳро бояд донист.

Садонокҳои кӯтоҳ дар забони тоҷикӣ инҳоанд: а, у,и ва ӯ, о,ӣ садонокҳои дароз мебошанд. Дар шеъри арӯзӣ дар баробари мувофиқат кардани ҳиҷоҳои мисраъҳо дарозӣ ва кӯтоҳии ҳиҷоҳо низ мавқеи махсус дорад:

Биё, то гул барафшонему май дар соғар андозем,
Фалакро сақф бишкофему тарҳи нав дарандозем.

Ҳиҷоҳои кӯтоҳ бо аломати шартии V ва ҳиҷоҳои дароз бо аломати шартии – ишора мешаванд.

Аз рӯи ин аломатҳо ҳиҷоҳои байти болоро чунин нишон додан мумкин аст.

V_ _ _ / V _ _ _ / V _ _ _ / V _ _ _
V _ _ _ / V _ _ _ / V _ _ _ / V _ _ _

Тавре ки дидед, миқдори ҳиҷоҳои кӯтоҳу дарози ҳар ду мисраъ бо ҳам мутаносибанд.

# МУҲАММАД АВФИИ БУХОРОЙ

Муҳаммад Авфӣ дар байни солҳои 1172-76 дар шаҳри Бухоро таваллуд шудааст. Айёми кӯдакӣ ва давраи таҳсили ибтидоиашро дар Бухоро гузаронда, баъд барои илм омӯхтан ва пурра намудани дониши худ ба шаҳрҳои Самарқанд, Хоразм, Марв, Нишопур, Ҳирот, Ғазнин ва ғайраҳо сафар карда, бо бисёр донишмандони бузург ҳамсӯҳбат шудааст. Муҳаммад Авфии Бухорой тахминан соли 1220 ба Ҳиндустон рафта, охирҳои умрашро дар шаҳри Деҳлӣ мегузаронад.

Муҳимтарин асарҳои Муҳаммад Авфӣ **«Лубобулалбоб»** ва **«Ҷомеулҳикоёт»** мебошанд.

## ҲИКОЯТҲО
## АЗ «ҶОМЕУЛҲИКОЁТ»

### ҲИКОЯТ

Рӯзе подшоҳе бо шоҳзодае ба шикор рафт. Вақте ки ҳаво гарм шуд, подшоҳ ва шоҳзода ҷомаҳои худро дар пушти масхарабози худ ниҳоданд. Подшоҳ табассум кард ва гуфт:

– Эй масхарабоз, дар пушти ту бори як хар ҳаст? Масхарабоз гуфт:

– Не, бори ду хар.

### ҲИКОЯТ

Подшоҳе дар хоб дид, ки тамоми дандонҳои ӯ афтидаанд. Аз мунаҷҷиме[1] таъбири он пурсид. Гуфт:

– Таъбири ин хоб он аст, ки авлод ва ақрабои подшоҳ пеш аз подшоҳ хоҳанд мурд.

Подшоҳ дар хашм шуд ва мунаҷҷимро бекор кард ва

---

[1] **Мунаҷҷим** – аз калимаи «наҷм» - ситора, ситорашинос.

мунаҷҷими дигар талабид ва таъбири хоб пурсид. Ӯ арз кард, ки:

– Аз ҳамаи авлод ва ақрабо подшоҳ зиёдтар хоҳад зист.

Подшоҳ ин нукта писандид ва мунаҷҷимро инъом дод.

### Савол ва супориш

**1.Иштироккунандагони ҳикоятҳо киҳоянд?**

**2.Мазмуни ибораи «бори ду хар»-ро фаҳмонед.**

**3.Фарқи ҷавоби мунаҷҷими якумро аз ҷавоби мунаҷҷими дуюм гуфта диҳед.**

## ҲИКОЯТ

Шахсе назди табиб рафт ва гуфт:

– Шиками ман дард мекунад, даво кун.

Табиб пурсид:

– Имрӯз чӣ хӯрдаӣ?

Гуфт:

– Нони сӯхта.

Табиб давое дар чашми ӯ кардан хост. Он шахс гуфт:

– Эй табиб, дарди шикамро бо чашм чӣ муносибат?

Ҳаким гуфт:

– Аввал туро давои чашм мебояд кард, зеро агар чашмат дуруст мебуд, нони сӯхта намехӯрдӣ.

### Савол ва супориш

**1.Аз ин ҳикоят чӣ хулоса бароварден?**

**2.Барои чӣ табиб чашми беморро даво кардан хост?**

**3.Ҳикоятро аз ёд кунед.**

## ҲИКОЯТ

Рӯзе подшоҳи золим аз шаҳр берун рафт. Шахсеро дид, ки зери дарахте нишастааст. Пурсид ки:

– Подшоҳи ин мулк чӣ гуна аст? Золим ё одил?

Гуфт:
– Бисёр золим аст.
Подшоҳ гуфт:
– Маро мешиносӣ?
Гуфт:
– На.
Подшоҳ гуфт:
– Манам султони ин мулк.
Он мард тарсид ва пурсид:
– Маро медонӣ?
Гуфт:
– На
Гуфт:
– Писари фалон савдогарам. Ҳар моҳ се рӯз девона мешавам ва имрӯз яке аз он рӯзҳост.

Подшоҳ хандид ва ба ӯ ҳеҷ чиз нагуфт.

### Савол ва супориш

**1.Чаро мард худро девона муаррифӣ намуд?**
**2.Агар ба шумо чунин ҳодиса рӯй медод, чӣ кор мекардед?**
**3.Ҳикоятро ба нақшҳо ҷудо карда хонед.**

## ҲИКОЯТ

Рӯзе дарвеше гуноҳи бузурге кард. Пеши ҳабашии кӯтвол бурданд. Кӯтвол ҳукм кард, ки рӯи дарвеш сиёҳ кунед ва дар тамоми шаҳр бигардонед. Дарвеш гуфт:

– Эй кӯтвол[1], нисфи рӯи ман сиёҳ кун, вагарна ҳамаи мардумони шаҳр гумон мекунанд, ки ман ҳабашии кӯтвол ҳастам.

Кӯтвол аз ин сухан хандид ва гуноҳи дарвешро бахшид.

[1] **Кӯтвол** – калъабон, диҷбон.

### Савол ва супориш

**1.Чаро ҳабашӣ гуноҳи дарвешро бахшид?**
**2.Бо кадом роҳ дарвеш аз ҷазо эмин монд?**
**3.Дар ягон мавзӯи дилхоҳ ҳикоят нависед.**

## ҲИКОЯТ

Подшоҳе аз мунаҷҷиме пурсид, ки чанд сол умри ман боқист?

Гуфт:

- Даҳ сол.

Подшоҳ бисёр ғамгин гардид ва мисли бемор ба бистар афтод. Дар назди подшоҳ вазири оқиле буд. Мунаҷҷимро рӯ ба рӯи подшоҳ талабид ва пурсид, ки:

- Чанд сол аз умри ту боқист?

Гуфт:

- Бист сол.

Вазир ҳамон вақт бо шамшер мунаҷҷимро ба қатл расонид. Подшоҳ хушнуд гардид ва чораи вазирро писандид. Баъд аз ин ба сухани ҳеҷ мунаҷҷим гӯш наандохт ва бовар накард.

### Савол ва супориш

**1.Аз ин ҳикоят чӣ гуна хулоса баровардан мумкин аст?**
**2.Ҳикоятро ба нақшҳо қисмат намуда хонед.**

## ҲИКОЯТ

Шахсе бо бахиле дӯстӣ дошт. Рӯзе бахилро гуфт:

- Ҳоло ба сафар меравам, ангуштарини худ ба ман деҳ, онро бо худ хоҳам дошт, ҳар гоҳ онро хоҳам дид, туро ёд хоҳам кард.

Ҷавоб дод, ки:

- Агар маро ёд доштан мехоҳӣ, ҳар гоҳ ангушти худ холӣ бинӣ, маро ёд кун, ки ангуштарӣ аз фалон хоста будам, надод.

## ҲИКОЯТ

Табибе, ҳар гоҳ, ки ба гӯристон мерафт, чодар бар сар ва рӯи худ мекард. Мардумон аз ӯ пурсиданд, ки:

- Сабаби ин чист?

Гуфт:

- Аз мурдагони ин гӯристон шарм мекунам, зеро ки онҳо аз давои ман мурдаанд.

### Савол ва супориш

1. Аз ин ду ҳикояти боло дар бораи шахсияти бахил ва табиб нақли даҳонӣ тайёр намоед.
2. Ҳикоятро ба нақшҳо қисмат намуда хонед.

## ҲИКОЯТ

Яке аз бозургонон ҳикоят кард, ки вақте бо қофилаи[1] бисёр ва асфор[2] дар баъзе аз бешаҳои Гургон ва Мозандарон мерафтам. Дар роҳ хоб бар ман ғалаба кард ва албатта худро нигоҳ натавонистам дошт.

Соате ба гӯшае бихуфтидам, то чун қофила бирасад, бархезам ва равон шавам. Худ бихуфтам ва чун бедор шудам, корвон рафта буд. Бар ақиби қофила дар беша медавидам. Ногоҳ аз пеши ман овози шер омад, ҳарос бар ман ғолиб шуд.

Гуфтам: -Дар миёни ду балои азим афтодам...

Мавзеъ талабидам, то бад-он таҳассун[3] намоям, дарахте чавз дидам бузургағсон[4] ва олӣ.

Гуфтам: Бар ин дарахт равам, чандон ки шер бигузарад.

Чун бар дарахт рафтам, шер биёмад ва зери дарахт бини-

---

[1] **Қофила** – корвон, гурӯҳе аз мардуми пиёда ва ё савора.

[2] **Асфор** – сафарҳо.

[3] **Таҳассун** – мустаҳкам шудан дар чое.

[4] **Бузургағсон ва олӣ** – калоншоха ва баланд.

шаст ва мутамаккин[1] шуд ва мутарассиди[2] сайд биистод ва аз ҳар ҷониб менигарид, гӯӣ, ки магар бӯи сайд ёфтааст. Дар ин миён овозе шунидам аз болои худ, нигоҳ кардам, хирсе дидам, ки пеш аз ман аз шер гурехта буд ва дар болои дарахт рафта.

Хавфу ҳарос бар ман ғолибтар шуд ва фикрат рӯй намуд. Пас, арракорде бо ман буд, буридан гирифтам. Чун буридан бисёр шуд, хирс хост, то аз он шох ба шохи дигар ҷаҳад, аз гаронии ҷуссаи ӯ он шох бишикаст ва хирс бияфтод ва аз шер бигурехт ва шер бар ақиби ӯ равон шуд ва ҳар ду ба якдигар машғул шуданд ва ман аз дарахт фуруд омадам ва ба таки пой аз он бало бигурехтам ва ба саломат ба ёрон бирасидам.

### Савол ва супориш

1. **Ба бозаргон чӣ ходиса рух дод? Барои чӣ дар урфият хобро ғафлат мегӯянд?**
2. **Агар шумо ба чунин ҳолат гирифтор мешудед, чӣ чора меандешидед?**
3. **Ба ҳикоят мувофиқи мазмун ном гузоред.**

## ҲИКОЯТ

Дар замони Баҳроми Гӯр ҳокиме буд, ки дар фазлу ҳикмат ягона буд ва дар ҳунару дониш ангуштнамой.

Чун борҳо аҳволи ӯ ба Баҳром бигуфтанд, Баҳром ӯро бихонд ва аз анвои[3] улум имтиҳон кард. Ва чун дар ҳама ҷавоби савоб дод, Баҳром бо худ гуфт: «Вазорат ба вай тафвиз[4] кунам, аммо бош, то ӯро дар ҳиммату адаб биёзмоям».

[1] **Мутамаккин** – маконгиранда, ҷойгир, карорёфта.
[2] **Мутарассид** – чашм ба роҳ нигарон, мунтазир.
[3] **Анвоъ** – навъҳо.
[4] **Тафвиз** – ба ӯҳда гузоштан.

Пас, ӯро бо худ дар хон[1] нишонд ва ҳамкоса гардонид ва мурғе бирён карда, дар пеши вай ниҳод.

Ҳаким мурғро пора кард ва ба шараҳе[2] тамом бихӯрд ва дигарро ҳамчунон ба кор бурд.

Баҳром гуфт: «Ин мард ҳиммат[3] надорад, дар пеши ман мурғ чунин мехӯрад, мол дар ғайбати ман чӣ гуна хӯрад?!»

Пас, ӯро ташриф[4] дод ва боз гардонид ва бад-ин тарки адаб ва дунҳимматӣ[5] аз вазорат маҳрум монд.

## Савол ва супориш

**1.Чаро Баҳром марди донишмандро имтиҳон кард?**
**2.Кадом хислати мард ба Баҳром писанд наомад?**
**3.Агар шумо мебудед, дар ин маврид чӣ гуна рафтор мекардед?**
**4.Иштирокчиёни ҳикоятро бо ҳам қиёс намуда таҳлил намоед.**

## ҲИКОЯТ

Аз Ҳотами Той саволи гарон[6] карданд, ки аз худ каримтар[7] дидаӣ?

Гуфт: «Бале».

Гуфтанд: – Куҷо дидаӣ?

Гуфт: «Дар бодия[8] мерафтам, ногоҳ дар мавзее расидам, ду хона дидам кӯҳна ва бузаке паси хайма баста. Чун бирасидам ,зол[9] пеши ман давид ва маро хидмат кард ва инони[10] ман бигирифт, то фурӯ омадам. Чун замоне баромад, писари ӯ бирасид, ба башорате[11] ҳар чӣ тамомтар маро пурсид.

---

[1] **Хон** – дастархон.
[2] **Шараҳ** – ҳарисӣ, тамаъ, эҳтирос, рағбат.
[3] **Ҳиммат** – иродаи зӯр, қасд, азм, саховат.
[4] **Ташриф додан** – ҷома бахшидан, ҷома пӯшондан.
[5] **Дунҳиммат** – пастҳиммат, хасис.
[6] **Гарон** – вазнин.
[7] **Каримтар** – босаховат, ҷавонмард.
[8] **Бодия** – биёбон, дашти беобу алаф, саҳро.
[9] **Зол** – пир, мӯйсафед.
[10] **Инон** – лаҷом, ҷилав.
[11] **Башорат** – мужда, хабари хуш.

Пас зол ӯро гуфт, ки эй писар масолеҳи[1] меҳмон қиём[2] намой ва он бузакро бисмил[3] кун, то таоме бисозем».

Писар гуфт: «Нахуст биравам ва ҳезум биёварам».

Зол гуфт: «То ту саҳро равӣ, ки ҳезум орӣ, дер шавад ва меҳмонро гурусна доштан аз муруввят[4] нест».

Пас ду найза дошт, хар ду бишикаст ва бузакро бикушт ва дарҳол таоме сохт ва пеши ман овард.

Чун тафаҳҳус[5] кардам, аз моли дунё ҷуз аз он ҳеҷ дигар надошт ва онро дар роҳи меҳмон ниҳод.

Пас он золро гуфтам: «Маро мешиносӣ?»

Гуфт: «На».

Гуфтам: – «Ман Ҳотами Той, бояд ки дар қабилаи ман ой, то дар ҳаққи шумо такаллуфе[6] кунам ва хаққи он бигузорам».

Зол гуфт: – «Мо аз меҳмон музд наситонем». Ва аз ман ҳеҷ қабул накарданд.

Ман донистам, ки эшон[7] аз ман каримтаранд.

## Савол ва супориш

**1.Ба хотир оред, ки дар бораи саргузашти Ҳотами Той чӣ шунидаед?**

**2.Барои чӣ мӯйсафед таклифи меҳмонашро қабул накард?**

**3.Саховатпешагии соҳиби хона ба шумо писанд омад ё не?**

[1] **Масолеҳ** – чизҳои даркорӣ.
[2] **Қиём** – машғул шудан.
[3] **Бисмил** – сарбурида, яъне бикуш.
[4] **Муруввят** – мардонагӣ, ҳимматбаландӣ.
[5] **Тафаҳҳус** – тафтиш кардан, кофтуков.
[6] **Такаллуф** – саъй, кӯшиш, заҳмат.
[7] **Эшон** – онҳо.

## ҲИКОЯТ

Аристотолис[1] баъд аз хафтод сол барбат[2] задан меомӯхт. Шогирдон ӯро маломат карданд, ки шарм надорӣ, ки бо мӯи сафед барбат меомӯзӣ?

Гуфт: – Шармро он гаҳ дорам, ки дар миёни ҷамоате бошам ва эшон ин ҳунар донанд ва ман надонам ва шак[3] нест, ки бар ҳиммати[4] ҷоҳил[5] касе розӣ набошад, хоса он, ки аз шарафи илму доной хабаре дорад ва ранҷи тааллум[6] касе мусоқот[7] кунад, ки шарафи он шиносад ва фоидаи он донад.

### Савол ва супориш

**1.Ҳикоятро қироат кунед.**
**2.Аристотолис дар айёми пирӣ ба чӣ кор шуғл дошт?**
**3.Маломаташ карданд, чӣ ҷавоб дод?**
**4.Хулосаи ин ҳикоятро чӣ шарт аст?**

## ҲИКОЯТ

Овардаанд ки дар ишорати кутуби[8] ҳиндувон, ки море ба деворе мерафт. Ногоҳ хонаи муше дид, ки дар он девор мураттаб[9] карда буд ва назари он дар боғи хонаи подшоҳ ниҳода ва мадохил[10] ва махориҷи[11] он бар ваҷҳи ҳикмат пардохта. Морро он хона хуш омад ва дар камин[12] нишаст, чандон[13] ки муш аз хона берун рафт, мор дар сӯрох рафт ва

[1] **Аристотолис** – донишманди юнонӣ.
[2] **Барбат** – асбоби қадимаи мусиқӣ, ки 8 тор дорад.
[3] **Шак** – шубҳа, гумон.
[4] **Ҳиммат** – ирода, ҷаҳд ва кӯшиш.
[5] **Ҷоҳил** – нодон, беилм.
[6] **Тааллум** – ёд гирифтан, омӯхтан.
[7] **Мусоқот** – садақа, хайр.
[8] **Кутуб** – ҷамъи китоб.
[9] **Мураттаб** – ба тартиб даровардашуда.
[10] **Мадохил** – даромадгоҳ.
[11] **Махориҷ** – баромадгоҳ.
[12] **Камин** – ҷои пинҳон.
[13] **Чандон** – яъне то вақте ки...

сокин[1] шуд.

Чун муш бирасид, дид, ки хасме[2] дар хонаи ӯ истило[3] овардааст, аз ранҷ бекарор гашт. Чун имкони муқовимати[4] ӯ надошт ба зарурат бар меҳтари[5] мушон рафт ва ҳол бо вай ҳикоят кард. Меҳтари мушон гуфт: – «Ту нашунидай, ки ҳар кас, ки дар киёсати[6] ту беш аз ин буд, ба вай муқовимат натавон кард». Пас муш гуфт: – «Чандин сол аст, ки туро хидмат мекунам ва хироҷ[7] ба ту мерасонам ва максад он будааст, то агар маро коре афтад, ба юмни[8] кифоят ва шаҳомати[9] ту инсоф аз душманон биситонам ва бузургон гуфтаанд, ки ҷибоят[10] ба қадри ҳикоят кунад ва акнун чун аз ту навмед шудам, ман бад-ин васмат[11] тан дарнадиҳам ва онро дар худ накашам ва ба ҳилат морро дафъ кунам».

Пас, мунтазири фурсат мебуд, то мор аз сӯрох берун омад ва дар боғ шуд ва дар зери гилеме бихуфт. Муш гирди боғ баромад, боғбонро дид бар лаби хавз, бо қувват бар шиками вай ҷаст, чунон ки боғбон аз хоб даромад ва дар ақиби муш мерафт.

Муш ба тарафи гулбун медавид, чандон ки ба мор расид, аз пеши ӯ берун шуд.

Боғбон чун морро дид, санг бар сари мор зад ва морро бикушт ва муш ба нишот[12] рӯй ба хона ниҳод. Душман мақҳур[13] гашт ва ранҷ аз вай дур гашта...

---

[1] **Сокин** – истиқомакунанда.
[2] **Хасм** – душман.
[3] **Истило** – ба зӯрӣ забт намудан.
[4] **Муқовимат** – истодагарӣ.
[5] **Меҳтар** – калонтар.
[6] **Киёсат** – зиракӣ, хушёрӣ.
[7] **Хироҷ** – андоз.
[8] **Юмн** – бахт, толеъ, имкон.
[9] **Шаҳомат** – нотарсӣ.
[10] **Ҷибоят** – чабха.
[11] **Васмат** – айб, нуқсон, доғи нанг.
[12] **Нишот** – шодӣ, хуррамӣ.
[13] **Мақҳур** – мағлубшуда, шикастхӯрда.

**1.Ҳикоятро хонед ва мазмунашро нақл кунед.**
**2.Мор ҳангоми ба деворе рафтан чиро дид?**
**3.Мор чӣ кор кард?**
**4.Муш бо меҳтари мушон чӣ гуфт?**
**5.Меҳтари мушон чӣ посухаш дод?**
**6.Муш чӣ ҳилате кард?**
**7.Оқибати кори душман ба чӣ анҷомид?**
**8.Аз ин ҳикоят чӣ баҳра бардоштед?**

## ҲИКОЯТ

Овардаанд, ки саъвае бар лаби дарёе бар сари дарахте ошёне дошт ва пиле будӣ, ки ҳар рӯз биёмадӣ ва худро дар дарахт молидӣ ва бачагони ӯро зери пой андохтӣ. Саъва ба ҷон дармондӣ ва бо худ гуфтӣ, душмане азим аст ва ӯро ҷуз ба ҳикмат ҳалок натавон кард. Пас ба наздики пашша рафт ва гуфт: «Агарчи пеш аз ин дар боби ту аз ҷониби ман қасд будааст, валекин омадаам, то имрӯз узр бихоҳам ва умеди он медорам, ки маро ҳоҷате наздики ту овардааст ва тамаъ дорам, ки маро ноумед бознагардонӣ».

Гуфт: «Чист?»

Гуфт: «Ҳоҷати ман он аст, ки ин пил маро заҳмат медиҳад ва бачагони маро таарруз[1] мерасонад, аз ту мехоҳам, то чашми пил бо неши худ реш кунӣ, ки дили ман аз тундии ӯ реш шудааст».

Пашша қабул кард ва фавҷе[2] аз пашшагон биёмаданд ва чашми ӯ бо неши худ реш карданд.

Пас, саъва ба наздики магас рафт ва гуфт: «Ҳоҷате бардоштаам ба пашша ва ӯ онро раво кардааст, валекин мақсуди ман ба саъйи[3] худ тамом хоҳад шуд, пашша бар чашми пил неш фурӯ бурдааст ва онро реш кардааст.

[1] **Таарруз** – зӯрӣ, дастдарозӣ.
[2] **Фавҷ** – даста, гурӯҳ.
[3] **Саъй** – кӯшиш.

Мехоҳем, ки ту ҳадас[1] бар он кунӣ, то ҷароҳати ӯро кирм дарафтад ва чашми ӯ тамом нобино шавад».

Пас магас меомад ва бар он ҷароҳати ӯ саргин[2] меандохтӣ, то дар он кирм афтод ва чашми ӯ тамом нобино шуд ва аз фоидаи дидан маҳрум монд. Ва пил чун роҳ намедид, дар паси он дарахт бимонд ва ба ҷаро наметавонист рафт.

Саъва гуфт: «Агарчи ба ҳилат ӯро кӯр кардам ва аз ӯ интиқоми худ кашидам, аммо бояд, ки акнун ӯро ҳалок кунам».

Пас, ба наздики ғук рафт ва гуфт: «Ба инояти[3] пашша ва магас коре баромадааст ва хасме, ки маро буд, мақҳур гаштааст, валекин ба як мадади ту агарчи душмани қавӣ аст, ҳалок хоҳад шуд».

Ғук гуфт: «Он кадом хидмат аст, ки бар дасти ман хоҳад омад, то дар итмоми он камари хидмат бандам?»

Саъва гуфт: «Мебояд, ки аз дарё мавзее[4], ки амиктар бошад, мақом созӣ ва бонг кунӣ, то овози ту ба самъи ӯ расад ва дар ақиби овози ту дар об ояд ва чандон, ки пой бар об ниҳад, ғарқ шавад ва аз шарри[5] ӯ боз раҳам».

Пас, ғук бирафт ва мавзее, ки қаъри он падид набуд, он ҷо мақом кард ва бонг мекард. То он гаҳ, ки пил ташна шуд ва ба ғояти аташ[6] расид, ба овози ӯ бирафт, чандон ки бар лаби об расид қадам дар об ниҳод, ҳамон буд ва ғарқ шуд ва саъва бад-он ҳилати латиф аз шарри ӯ халос ёфт.

Ва ин ҳикоят намудорест мар арбоби[7] хирадро, то хасмони[8] заифро хор надоранд, ки шамшер агарчи сари шеронро рабояд, аз он чӣ сӯзан кунад, оҷиз ояд.

---

[1] **Ҳадас** – ифлосӣ, наҷосат.

[2] **Саргин** – ахлот.

[3] **Иноят** – мадад, ёрӣ.

[4] **Мавзеъ** – ҷой, макон.

[5] **Шар** – бадӣ, зиштӣ.

[6] **Аташ** – ташнагӣ.

[7] **Арбоб** – оқилон, фозилон.

[8] **Хасмон** – душманон.

## Савол ва супориш

1.Ҳикоятро хонда ба рафтори саъва баҳо диҳед.
2.Чаро фил бо бузургҷуссагӣ аз дасти як парандаи хурдакак ба ҳалокат расид?
3.Мақсади адиб аз овардани ин ҳикоят дар чист?

### ҲИКОЯТ

Овардаанд, ки дар рӯзгори Нӯшервони[1] Одил[2] ду мард биёмаданд ва бар дари боргоҳи ӯ биистоданд, яке бо овози баланд гуфт:

«Бад макуну бад маяндеш, то бадат н-ояд пеш».

Ва яке гуфт:

«Некӣ куну нек андеш, то нек бинӣ беш».

Нӯшервон фармуд, то марди аввалро ҳазор динор оварданд ва бидоданд ва марди дуввумро ду ҳазор динор доданд. Хавосу[3] надимони[4] он ҳазрат суол карданд, ки ҳар ду калимаро як маънӣ бувад, сила[5] ва инъом эшонро тафовут[6] аз чӣ афтод?

Гуфт: «Ин ҳама зикри нек гуфт ва он дигар бадӣ гуфт. Ва ҳеҷ некӣ беҳтар аз дӯстии некон нест ва ҳеҷ бадӣ аз дӯстии бадон нест».

## Савол ва супориш

1.Ба дари боргоҳи Нӯшервони Одил ду мард омада, ҳар яке чӣ гуфт?
2.Чаро шоҳ ба ду мард баробар инъом надод?

---

[1] **Нӯшервон** - писари Қубод ва яке аз шоҳони сулолаи Сосониён, ки солҳои 531-579 м. ҳукмронӣ кардааст.
[2] **Одил** – боадл, боинсоф, додгар, лақаби Нӯшервон.
[3] **Хавос** – одамони баландмартаба.
[4] **Надим** – ҳамнишини амирону шоҳон.
[5] **Сила** – бахшиш, мукофот.
[6] **Тафовут** – фарқ.

**3.Ҷавоби Нӯшервонро бодиққат хонед ва мулоҳиза кунед.**

## ҲИКОЯТ

Подшоҳе оҳангареро фармуд, ки ҷавшане[1] хуб барои ман тайёр кун. Оҳангар тайёр карда пеши подшоҳ бурд. Бо қасди озмудан ҷавшанро ба замин ниҳод ва шамшер бар он зад, ду ним шуд. Оҳангарро итоб кард, ки: – Гар бори дигар чунин ҷавшан хоҳӣ сохт, сари ту ду ним хоҳам кард!

Оҳангар ба хонаи худ рафт ва ин аҳволро ба духтараш гуфт. Духтар маслиҳат дод, ки «боз ҷавшан бисоз, ин бор ман пеши подшоҳ хоҳам бурд».

Алқисса, оҳангар ҷавшанро сохт. Духтари ӯ онро пӯшид ва шамшере дар даст гирифт ва пеши подшоҳ рафт ва арз кард, ки ҳоло ҷавшанро биёзмоед?

Подшоҳ гуфт:

– Чаро инро пӯшидаӣ?

Духтар гуфт:

– Эй подшоҳ, қоида он аст, ки ҷавшанро дар ҷасад меозмоянд, аз ин сабаб пӯшидаам.

Подшоҳ ин сухан писандид[2] ва ба ӯ инъом дод.

## ҲИКОЯТ

Як киса динори шахсе дар хона гум шуд. Ӯ ба қозӣ хабар дод. Қозӣ ҳамаи мардумони хонаро талабид ва ба ҳар кас як чӯб дод, ки ҳамаи он дар дарозӣ баробар буд ва гуфт: «Ҳар кӣ дузд бошад, чӯби ӯ ба қадри як ангушт дароз хоҳад шуд».

Чун ҳамаро рухсат[3] кард, шахсе, ки кисаро дуздида буд, тарсид ва чӯби худро ба қадри як ангушт бурид. Рӯзи дигар чун қозӣ ҳамаро талабид ва чӯбҳоро дид, маълум шуд, ки дузд кист. Кисаи динор аз ӯ гирифт ва ба вай сиёсат кард.

---

[1] **Ҷавшан** – либоси тӯри симин, ки аз шамшер муҳофизаткунанда аст.

[2] **Писандид** – хуш омад, маъқул донист.

[3] **Рухсат кард** – ҷавоб дод.

## Савол ва супориш

**1.Қозӣ дуздро чӣ тавр муайян кард?**
**2.Ҳикоятро хонда, мазмунашро гӯед.**

### ҲИКОЯТ

Абдуллоҳи Муқаффаъ мегӯянд:

– Он чӣ дуруст кардам аз китоби ҳукамо[1], ки андар хизонаи форс ёфтам. Пеш аз Яздичурди Шаҳриёр[2], ки бар мулуки Форс меҳтар аз подшоҳони дигар ва фазли эшон бар дигарон зоҳир гашт, ба даҳ хислат бувад, мерос ёфтанд аз паси Каюмарс[3] ва мар он хислатро кор бастанд:

– Аввал духтаронро ба бегона надодандӣ ва ба хонаи дигар кас нон нахӯрдандӣ ва чун дар ҳаққи касе некӣ хостандӣ кард, бо кас мушоварат[4] накардандӣ ва чун дар ҳаққи касе некӣ ваъда кардандӣ, ҳаргиз аз ин барнагаштандӣ ва чун ба ато[5] ва навохти худ махсус кардандӣ, ҳар сол дар он вақт бо эшон додандӣ ва онро дар идрору[6] бусум гардониандӣ ва ба кирдор беш аз он будандӣ, ки ба гуфтор. Ба ҳаргиз шароб нахӯрдандӣ, ки ба хиради эшон ғолиб омадӣ ё аз ҳол бигаштандӣ.

Ва ҳаргиз гунаҳгоронро уқубат[7] накардандӣ, магар пас аз он ки хашми эшон сокин шуда будӣ. Ва ҳаргиз сӯҳбати як некмардро аз сӯҳбати бисёрмард ба ҷой намондандӣ. Ва ҳар подшоҳ, ки аз ин даҳ хислат бенасиб бувад, аз сӯҳбати ҷумла доноён бениёз гардад.

---

[1] **Ҳукамо** – ҳакимон.
[2] **Яздичурди Шаҳриёр** – подшоҳи Эрон.
[3] **Каюмарс** – номи нахустин подшоҳи Эрон.
[4] **Мушоварат** – машварат.
[5] **Ато** – бахшиш, инъом.
[6] **Идрор** – маош.
[7] **Уқубат** – азоб.

## Савол ва супориш

1.Ҳикоятро бодиққат хонед ва гӯед, ки он даҳ хислат кадомҳо мебошанд?
2.Қимати ин даҳ хислат дар чист?
3.Дар бораи ҳар як хислат нақл кунед.

### ҲИКОЯТ

Овардаанд, ки Аристотолисро вафот наздик омад, писарро пеши худ хонд ва гуфт:

– Эй писар, дар асрори улум[1] ва дақоиқи ҳикмат умри худро базл[2] кардам ва бисёр гиреҳҳо ба нури ҳикмат кушода гардонидам, валекин маргро ҳеҷ ҳилате надонистам. Шеър:

Агар сад кӯҳ бояд канд фӯлод,
Забун бошад ба дасти одамизод.
Чӣ чора, к-он банӣ – одам надонад,
Ба ҷуз мурдан, к-аз он бечора монад.

Пас, бидон, ки иззу[3] давлате, ки аз мол бувад, зуд фонӣ шавад ва нест гардад.

Иззат ва шараф дар илм аст, ки аз таҳвил[4] ва интиқол[5] ва фано ва завол[6] берун аст ва ба тағайюри[7] рӯзгор ва табаддули[8] давлатҳо интиқол напазирад.

– Эй писар, подшоҳон падари туро бузург доштанд ва падари ту яке аз раияти[9] эшон[10] буд ва раият подшоҳони мулкро

---

[1] **Улум** – илмҳо.
[2] **Базл** – харҷ, сарф.
[3] **Изз** – эҳтиром.
[4] **Таҳвил** – аз ҳоле ба ҳоле гузаштан.
[5] **Интиқол** – гузаштан.
[6] **Завол** – офат, нестӣ.
[7] **Тағайюр** – тағйирот.
[8] **Табаддул** – табдил.
[9] **Раият** – халқ, табаа.
[10] **Эшон** – онҳо.

ибодат кунанд ва парастанд.

Ва миёни обид[1] ва маъбуд[2] тафовути бисёр аст. Агар падари туро илму адаб набудӣ, ӯ мар мулукро мисоли харе будӣ боркаш ё парастанда бандае будӣ коркун.

Пас, илм ҳосил кун, то шарафу иззат биёбӣ ва аз мазаллати[3] ҳамулӣ[4] халосӣ ёбӣ.

## Савол ва супориш

**1.Мазмуни ҳикоятро нақл кунед.**
**2.Аристотолис ба писари худ чӣ гуфт?**
**3.Кадом касб бебақост?**
**4.Аристотолис киро мисли харе боркаш ва ё парастанда, бандае коркун ҳисоб кардааст?**
**5.Роҳи дурусти дарёфти шарафу иззат кадом будааст?**

## ҲИКОЯТ

Овардаанд, ки Абузурҷмеҳрро[5] савол карданд, ки мардумонро чӣ беҳтар аст?

Гуфт: – Хиради модарзод.

Гуфтанд: – Агар набувад?

Гуфт: – Фарҳанги[6] омӯхтанӣ, ки адаби вайро рост кунад.

Гуфтанд: – Агар набувад?

Гуфт: – Хостае, ки ҳамаи айбҳоро пӯшад.

Гуфтанд: – Агар набувад?

Гуфт: – Ҳилм[7] ва мадоро, ки ҳилм мардумро биёрояд.

Гуфтанд: – Агар набувад?

Гуфт: – Марг беҳ аз зиндагонӣ, то роҳат ёбад аз худ ва халқ аз вай...

[1] **Обид** – ибодаткунанда, худоҷӯй.
[2] **Маъбуд** – бутпараст.
[3] **Мазаллат** – хорию зорӣ.
[4] **Ҳамулӣ** – гумномӣ.
[5] **Абузурҷмеҳр** – вазири Анӯшервон.
[6] **Фарҳанг** – илм.
[7] **Ҳилм** – нармдилӣ.

## Савол ва супориш

**1.Ҳикоятро хонед ва дарёбед, ки барои мардум чӣ беҳтар будааст?**

**2.Ҳамроҳи муаллим дар сари ҳар ҷавоби Абузурҷмеҳр мулоҳиза кунед ва аз ҳикоят натиҷа гиред.**

**3.Ҳикоятро аз ёд кунед.**

### ҲИКОЯТ

Овардаанд, ки амир Наср Аҳмади Сомониро муаллиме буд, ки дар он вақт, ки хурд буд, вайро таълим кардӣ ва чӯби бисёр задӣ. Ва амир гуфтӣ, ки ҳар гоҳ ба султонӣ расам, сазои[1] вай бикунам.

Шабе тафаккури[2] айёми гузашта мекард, муаллимашро ёд омад, ҳама шаб дар андешаи интиқоми ӯ буд.

Ходимро[3] бифармуд, ки аз бӯстон даҳ чӯби обӣ биёрад ва якеро гуфт:

– Муаллимро ҳозир кун!

Ходим рафт, то муаллимро ҳозир гардонад.

Муаллим пурсид: – Султон чӣ мекард, ки маро ёд кард?

Гуфт: – Ғуломеро фармуд, ки биравад аз бӯстон даҳ чӯби обӣ биёварад ва маро гуфт, муаллимро ҳозир кун.

Ӯро маълум шуд, ки дар банди интиқоми вай аст. Дар роҳ, ки меомад ба дари дӯкони мевафурӯше расид ва дурустӣ бидод ва аз он обии[4] хуб харид ва дар остин кард.

Чун пеши Наср омад, амир чӯберо баргирифт ва гуфт:

– Дар ин чӣ мегӯӣ?

– Гуфт: - Саҳл[5] аст.

Даст дар остин кард ва он мева берун овард ва гуфт: – Зиндагии подшоҳ дароз бодо, калимае дорам.

Гуфт: – Бигӯй!

Гуфт: – Ин меваe бад-ин латифӣ, зодаи он чӯб аст.

---

[1] **Сазо** – адаб, сазои вай бикунам – адабашро бидиҳам.

[2] **Тафаккур** – фикр.

[3] **Ходим** – хизматгор.

[4] **Обӣ** – мева.

[5] **Саҳл** – осон, раво.

Султон чун бишунид, бағоят писандид ва расми маоши вай, то зинда буд, муайян гардонид. Баъд аз он зиндагонӣ ба фароғат гузаронид.

### Савол ва супориш

**1.Чаро султонро бар муаллим хашм зиёда гардид? Муаллим ба ӯ чӣ карда буд?**
**2.Шоҳ ба кадом андеша афтод?**
**3.Муаллим аз ходим чӣ пурсид?**
**4.Ба ивази интиқоми шоҳ муаллим чӣ тадбир андешид?**
**5.Кадом кори муаллим писанди шоҳ гашт?**
**6.Хулосаи ҳикоятро баён намоед.**

## ҲИКОЯТ

Афлотунро[1] гуфтанд:
– Чӣ гӯйӣ, ки ҳаргиз ғамгин набошӣ?
Гуфт: – Дил дар чизе набандам, ки аз дасти ман биравад.

### Савол ва супориш

**1.Дар ин ҳикоят кадом ҳикмат ниҳон аст?**
**2.Ҳикоятро ҳифз кунед.**

## ҲИКОЯТ

Овардаанд, ки Шаҳиди шоир рӯзе нишаста буд ва китобе мехонд. Ҷоҳиле ба назди ӯ даромад ва салом карду гуфт:

– Хоҷа, танҳо нишастаӣ?

Гуфт: – Танҳо акнун гаштам, ки ту омадӣ, аз он ки ба сабаби ту аз мутолиаи китоб боз мондам.

Ва шоир чунин гуфтааст:

---

[1] **Афлотун** – донишманди юнонӣ, Платон.

Сӯхбати аблаҳон чу деги тиҳист[1],
Андарун холиву бурун сияҳист.

## Савол ва супориш

**1.Ҳикоятро хонед ва мазмунашро баён кунед.**
**2.Шоир ба марди ҷоҳил чӣ ҷавоб дод?**
**3.Байтро ба наср баргардонед.**

## ҲИКОЯТ

Ва ин ҳикоятро ба навъе дигар ривоят кардаанд, ки марде дар қафас гунҷишке карда буд ва ба бозор бурда, то онро фурӯшад...

Марде биёмад ва он гунҷишкро бихарид ва ба хона овард.

Мурғ бо ӯ дар сухан омад ва гуфт: - Туро аз куштани ман чӣ ояд, маро баргузор то се сухан гӯям, ки он туро манфиат кунад, валекин як сухан дар қафас гӯям ва яке бар дасти ту ва сеюм бар сари дарахт.

Он мард гуфт: - Чунин кардам. Пас ӯро ба саҳро бурд ва гуфт:

- Биёр, то чӣ дорӣ?

Гунҷишк гуфт: - Ҳар чӣ аз дасти ту биравад, зинҳор то бар фавоти[2] он таассуф[3] нахӯрӣ, ки ба даст бознаёяд.

Мард ӯро аз қафас берун кашид, гуфт: - Сухани дуюм чист?

Гуфт: – Зинҳор, агар сухани муҳол шунавӣ, онро бовар надорӣ!

Мард гуфт: – Панде хуб аст ва ӯро раҳо кард.

Гунҷишк гуфт: - Сахт нодонӣ кардӣ, ки маро раҳо кардӣ, ки дар шиками ман гавҳаре буд бист мисқол.

Мард чун ин бишнид, аз пой дарафтод ва даст бар сар задан гирифт ва таассуфи бисёр хӯрд.

Гунҷишк гуфт: - Ду сухан ҳамин соат шунидӣ ва ҳамин соат фаромӯш кардӣ? Аввал гуфтам: - Ҳар чӣ аз дасти ту рафт, бар

---

[1] **Тиҳӣ** – холӣ.
[2] **Фавот** – даргузаштан, мурдан.
[3] **Таассуф** - афсус.

фавоти он таассуф нахӯрӣ. Чун аз дасти ту бишудам, агар ҳазор фарёд кунӣ, бознаёям. Он ғам хӯрдан чӣ фоида дорад?!

Дуюм гуфтам: Сухани муҳол[1] бовар мадор ва ба тамомат аъзо ва аҷзои ман даҳ мисқол бошад, гавҳари бистмисқол дар шиками ман чӣ гуна ғунҷад?

Гуфт: – Сухани сеюм боре бигӯй, то маро фоида бошад.

Гуфт: – Дар ҳаққи ман эҳсон[2] кардӣ ва лутф фармудӣ. Акнун офтобае дар зери ин дарахт пурзар аст, бояд ки бардорӣ ва ба масолеҳи худ сарф кунӣ.

Мард он ҷоро бикобид ва офтобаи зар ёфт. Ӯро гуфт: – Аҷаб, ки офтобаи зар дар зери замин мебинӣ ва дом дар рӯи хок намебинӣ!

### Савол ва супориш

**1.Ҳикоятро бодиққат хонед.**
**2.Гунҷишк аз мард чӣ хоҳиш кард?**
**3.Се сухани гунҷишк кадом аст?**
**4.Чаро мард таассуфи бисёр хӯрд?**
**5.Сухани сеюми гунҷишк чӣ буд?**
**6.Ба ивази лутфу эҳсон гунҷишк мардро соҳиби чӣ кард?**

## МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ ҲИКОЯТ

Дар ҳикоят як воқеаи нисбатан хурд тасвир мешавад, ки дар он лаҳзаҳо ва қисмҳои воқеа ба ҳам алоқамандии зич доранд. Дар маркази воқеаи ҳикоят амалиёти ду-се кас (ё ду чиз) меистад, ки ин сабаби яклухтии воқеа мебошад.

Ин жанр дар адабиёти тоҷик таърихи қадима дорад ва дар эҷодиёти Низомулмулк, Кайковус, Низомии Арӯзии Самарқандӣ, Муҳаммад Авфии Бухорой, Саъдӣ, Убайди Зоконӣ вомехӯрад.

[1] **Муҳол** – номумкин, ношуданӣ.
[2] **Эҳсон** – некӯӣ, лутфу марҳамат.

Агар ба ҳикоятҳои Муҳаммад Авфии Бухорой диққат карда бошед, аксари онҳо дорои як-ду лаҳзаанд ва иштирокчиёни он низ миқдоран каманд. Вале ба ин нигоҳ накарда нависанда лаҳза-лаҳза воқеаро тасвир карда, амалиёти пайдарпайи қаҳрамонашро нишон медиҳад ва ба ин восита характер меофарад. Ин яке аз мақсадҳои асосии ҳикоят ба ҳисоб меравад.

Дар ҳикояти «Саъва ва пил» (фил) муборизаи як паррандаи хурдакак бар зидди ҳайвони калонҷусса хеле барҷаста нишон дода шудааст. Аз амалиёти саъва ва мақсади ӯ, ки нест кардани фил буд, маълум мегардад, ки саъва то чӣ андоза кавиродаву пуртадбир аст. Ӯ аввал филро ба воситаи пашша кӯр месозад ва баъдан бо ёрии ғук душманашро ба ҳалокат мерасонад.

# ҲОФИЗИ ШЕРОЗӢ



Агар Абулқосим Фирдавсӣ дар ҷаҳон бо шоҳасари ҷовидонии худ «**Шоҳнома**» машҳур шуда бошад, Ҳофизи Шерозиро ғазалҳои дилошӯб, ҷаззоб ва сеҳрангезаш шӯҳраи офоқ гардонидаанд.

Шамсиддин Муҳаммад Ҳофизи Шерозӣ соли 1321 дар шаҳри Шероз таваллуд ёфта, дар ҳамин ҷо соҳиби илму дониш гардидааст.

Ба қавли худаш Хоҷа Ҳофиз чиҳил сол ба таҳсили илм машғул шудааст. Таҳсили дурудароз шояд аз он сабаб бошад, ки падараш ҳангоми тифл будани ӯ аз олам чашм пӯшид ва барои таҳсили мунтазам имконият пайдо нагардид.

Номи Ҳофиз ҳамчун офарандаи ғазалҳои дилангез ҳанӯз дар айёми барҳаёт будани шоир маълуму машҳур гардида буд. Ғазалҳои Ҳофиз ба зудӣ вирди забони мардум мегаштанд ва оғозу сароғози базму шабнишиниҳо, тӯю маъракаҳо буданд.

Чунон ки худи Ҳофиз чунин ишора дорад:

Зи шеъри Ҳофизи Шероз мегӯянду мерақсанд,
Сияҳчашмони кашмирию туркони самарқандӣ.

ё дар ҷои дигар:

Ғазал гуфтию дур суфтӣ, биёву хуш бихон, Ҳофиз,
Ки бар назми ту афшонад фалак иқди Сурайёро.

Мавзӯъҳои ашъори Ҳофиз гуногунанд: тараннуми ишқу муҳаббат, дӯстиву рафоқат, ростқавлию поктинатӣ, манзараҳои табиати дилангез, ғанимат донистани умр ва ғайра.

Ҳофиз шоири ошиқ аст: ошиқи зиндагӣ ва ҳаёти воқеӣ, табиати дилрабо ва дилбарони раъно. Дар ашъори Ҳофиз

тасвири табиат - гулу лола, сарву суман, сабо ва насим, булбулу қумрӣ, гулгашти Мусалло ва ҷӯи Рукнобод – ҳама ба одам, ба ошиқу маъшуқ нигаронида шуда, чун образҳои рамзӣ амал мекунанд. Ӯ ба кушудану кашфи асрори олам сари ёрӣ надорад ва онро барҳақ муаммои нокушода мепиндорад:

Ҳадис аз мутрибу май гӯву рози даҳр камтар ҷӯ,
Ки кас накшуду накшояд ба ҳикмат ин муамморо.

## НАМУНАИ ҒАЗАЛИЁТИ ҲОФИЗИ ШЕРОЗӢ

Дил меравад зи дастам, соҳибдилон, Худоро.
Дардо, ки рози пинҳон хоҳад шуд ошкоро.
Киштинишастагонем, эй боди шурта,[1] бархез!
Бошад, ки боз бинем, дидори ошноро.
Даҳрӯза меҳри гардун, афсонаасту афсун[2],
Некӣ ба ҷои ёрон, фурсат шумор, ёро...
Эй соҳиби каромат, шукронаи саломат,
Рӯзе тафаққуде[3] кун дарвеши бенаворо.
Осоиши ду гетӣ тафсири[4] ин ду ҳарф аст:
Бо дӯстон мурувват, бо душманон мадоро.
Ҳангоми тангдастӣ дар айш кӯшу мастӣ,
К-ин кимиёи ҳастӣ Қорун[5] кунад гадоро...
Хубони порсигӯ бахшандагони умранд,
Соқӣ, бидеҳ башорат риндони порсоро.
Ҳофиз ба худ напӯшид ин хирқаи[6] майолуд,
Эй шайхи покдоман, маъзур дор моро.

---

[1] **Боди шурта** – боди мурод, боде, ки ба самти дилхоҳ мевазад.
[2] **Афсун** – чашмбандӣ, фиреб.
[3] **Тафаққуд** – меҳрубонӣ, пазирой, навозиш кардан.
[4] **Тафсир** – маънӣ, маънидод, шарҳ.
[5] **Қорун** – шахси афсонавӣ, ки хеле давлатманд будааст.
[6] **Хирқа** – порчаи матоъ, матои дарида, пора-пора шуда.

## Савол ва супориш

**1.Шеърро ба таври бадеӣ қироат кунед.**
**2.Шарҳи калимаҳои номафҳумро аз луғат пайдо намоед.**
**3.Фаҳмонед, ки рози пинҳон чӣ гуна ошкор мешавад?**
**4.Барои оромию осоиштагӣ чӣ кор кардан лозим будааст?**
**5.Миёни ифодаҳои «хирқаи майолуд» ва «шайхи покдоман» чӣ нисбатест?**

Сабо, агар гузаре афтадат ба кишвари дӯст,
Биёр нафҳае[1] аз гесӯи муанбари[2] дӯст.
Ба ҷони ӯ, ки ба шукрона ҷон барафшонам,
Агар ба сӯи ман орӣ паёме аз бари дӯст...
Мани гадову таманнои[3] васли ӯ? –Ҳайҳот!
Магар ба хоб бубинам ҷамоли манзари[4] дӯст!...
Агарчи дӯст ба чизе намехарад моро,
Ба оламе нафурӯшем мӯе аз сари дӯст.
Дили санавбариям ҳамчу бед ларзон аст,
Зи ҳасрати қаду болои чун санавбари дӯст.
Чӣ бошад, ар шавад аз банди ғам дилаш озод,
Чу ҳаст Ҳофизи мискин ғулому чокари дӯст.

## Савол ва супориш

**1.Ғазалро ду-се бор бодиққат хонед, вақти қироат ба задаҳои мантиқӣ диққати зарурӣ диҳед.**
**2.Шоир барои дӯст чӣ корҳо карданист?**
**3.Дар бораи дӯст ва аҳамияти дӯстӣ чиҳо гуфта метавонед?**
**4.Байти чоруми ин ғазалро бо байти зерини Саъдии**

---

[1] **Нафҳа** – нафаси эҳёкунанда, ҳаётбахш.
[2] **Муанбар** – анбарин, хушбӯй.
[3] **Таманно** – орзу, умедворӣ.
[4] **Манзар** – чизе, ки ба он назар дӯхта мешавад, тамошогоҳ, чеҳра, чашму рӯй.

**Шерозӣ муқоиса кунед:**

Гарат хуноба гардад дил, зи дасти дӯстон, Саъдӣ,
На шарти дӯстӣ бошад, ки аз дил бар забон ояд.

**5.Ин ғазалро аз ёд кунед.**

Зи дасти кӯтаҳи худ зери борам,
Ки аз болобаландон[1] шармсорам.
Магар занҷири мӯе гирадам даст,
В-агарна сар ба шайдоӣ[2] барорам.
Зи чашми ман бипурс авзои гардун,
Ки шаб то рӯз ахтар[3] мешуморам...
Ман аз бозуи худ дорам басе шукр,
Ки зӯри мардумозорӣ надорам.
Агар гуфтам дуои майфурӯшон,
Чӣ бошад? – Ҳаққи неъмат мегузорам.
Ту аз хокам нахоҳӣ баргирифтан,
Ба ҷои ашк агар гавҳар биборам.
Саре дорам чу Ҳофиз маст, лекин,
Ба лутфи он саре уммедворам.

## Савол ва супориш

**1.Дасткӯтаҳӣ чӣ маъно дорад?**
**2.Шоир чаро «вазъи гурдунро аз чашми ман пурс» гуфтааст? Замонҳои гузашта аз рӯи мавқеи ахтарон чиҳоро пешгӯӣ мекарданд?**
**3.Шоир аз чӣ ва кӣ шукру сипосгузорӣ мекунад?**
**4.Ҳар як байтро дар алоҳидагӣ тафсир дода, мазмуни шеърро дар пайвастагӣ баён намоед.**

---

[1] **Болобаландон** – дилбарон.
[2] **Шайдоӣ** – ошуфта ва девона.
[3] **Ахтар** – ситора, нaҷм.

Донӣ, ки чист давлат? –Дидори ёр дидан,
Дар кӯи ӯ гадоӣ бар хусравӣ расидан.
Аз ҷон тамаъ буридан осон бувад, валекин,
Аз дӯстони ҷонӣ мушкил тавон буридан.
Хоҳам шудан ба бустон чун ғунча бо дили танг.
В-он ҷо ба некномӣ пироҳане даридан.
Гаҳ чун насим бо гул рози нуҳуфта[1] гуфтан,
Гаҳ сирри ишқбозӣ аз булбулон шунидан.
Бӯсидани лаби ёр аввал зи даст магзор,
К-охир малул[2] гардӣ, аз дасту лаб газидан.
Фурсат шумор сӯҳбат, к-аз ин дуроҳа манзил,
Чун бигзарем, дигар натвон ба ҳам расидан.
Гӯӣ бирафт Ҳофиз аз ёди шоҳ Яҳё,
Ё раб, ба ёдаш овар, дарвеш парваридан[3]!

## Савол ва супориш

**1.Дидори ёру дӯстонро шоир чӣ меномад?**
**2.Чӣ гуна касро дӯсти ҷонӣ номидан мумкин аст?**
**3.Насим ва гул дар байни худ чӣ рози нуҳуфта доранд?**
**4.Шоир ин ғазалро ба касе бахшида эҷод кардааст, ӯро муайян кунед.**
**5.Чор байти аввали ғазалро аз бар кунед.**

Юсуфи гумгашта боз ояд ба Канъон, ғам махӯр,
Кулбаи эҳзон[4] шавад рӯзе гулистон, ғам махӯр!
Эй дили ғамдида, ҳолат беҳ шавад, дил бад макун,
В-ин сари шӯрида боз ояд ба сомон[5], ғам махӯр!
Гар баҳори умр бошад, боз бар тарфи чаман,
Чатри гул дар сар кашӣ, эй мурғи хушхон, ғам махӯр!
Даври гардун гар ду рӯзе бар муроди мо нарафт,
Доиман яксон намонад ҳоли даврон, ғам махӯр!

[1] **Нуҳуфта** – пинҳонӣ, пӯшида.
[2] **Малул** – хаста, безор, дилбазан.
[3] **Дарвешпарварӣ** – ба бечорагон мададгор будан.
[4] **Эҳзон** – ғам, андӯҳ.
[5] **Сомон** – тартибу саранҷомӣ.

Ҳон, машав навмед, чун воқиф наӣ аз сирри ғайб[1].
Бошад андар парда бозиҳои пинҳон, ғам махӯр!..
Гарчи манзил бас хатарнок асту мақсад бас баид[2].
Ҳеҷ роҳе нест, к-онро нест поён, ғам махӯр!
Ҳофизо, дар кунҷи фақру хилвати шабҳои тор,
То бувад вирдат дуову дарси Қуръон, ғам махӯр!

## Савол ва супориш

**1.Ғазалро ду-се бор ба таври бадей қироат кунед.**
**2.Дар шеър чӣ гуна андешаи шоир ифода ёфтааст, гуфта диҳед. Андешаи «рӯҳафтода нашудан»-ро вобаста ба абёти ҷудогонаи ғазал шарҳ диҳед.**

Гул бе рухи ёр хуш набошад,
Бе бода баҳор хуш набошад.
Тарфи[3] чаману тавофи[4] бустон,
Бе лолаузор хуш набошад.
Рақсидани сарву ҳолати гул,
Бе савти ҳазор хуш набошад...
Ҳар нақш, ки дасти ақл бандад,
Ҷуз нақши нигор[5] хуш набошад.
Ҷон нақди муҳаққар[6] аст, Ҳофиз,
Аз баҳри нисор хуш набошад.

---

[1] **Ғайб** – ҳар чизи нопайдо ва пинҳонӣ, сирри Илоҳӣ.
[2] **Баид** – дур, нопадид.
[3] **Тарф** – гӯшаю канор.
[4] **Тавоф** – гардидан дар гирди чизе.
[5] **Нақши нигор** – тасвири маҳбуба, сурати дилбар.
[6] **Муҳаққар** – ҳақир, камарзиш, ночиз, хурд.

На ҳар кӣ чеҳра барафрӯхт, дилбарӣ донад,
На ҳар кӣ оина созад, Сикандарӣ[1] донад.
На ҳар кӣ тарки кулаҳ кач ниҳоду тунд нишаст,
Кулоҳдорию оини сарварӣ донад.
Вафову аҳд накӯ бошад, ар биёмӯзӣ,
В-агар на ҳар кӣ ту бинӣ, ситамгарӣ донад.
Ба қадду чеҳра ҳар он кас, ки шоҳи хубон шуд,
Ҷаҳон бигирад, агар додгустарӣ[2] донад...
Ту бандагӣ чу гадоён ба шарти музд макун,
Ки дӯст худ равиши бандапарварӣ донад.
Зи шеъри дилкаши Ҳофиз касе бувад огаҳ,
Ки лутфи назму сухан гуфтани дарӣ донад.

## Супориш ва савол

**1.Ҳар як байти ғазалро ба алоҳидагӣ тафсир диҳед.**
**2.Ҳофиз ба кадом одамон чӣ гуна шартҳоро пеш гузоштааст?**
**3.Дар ин ҷо кулоҳдорӣ ба чӣ маъно омадааст?**
**4.Шарти бандагӣ ва талаби гадоёнро шарҳ диҳед.**

Айби риндон[3] макун, эй зоҳиди[4] покизасиришт,
Ки гуноҳи дигарон бар ту наҳоҳанд навишт.
Ман агар некаму гар бад, ту бирав худро бош,
Ҳар касе он даравад, оқибати кор, ки кишт...
Ноумедам макун аз собиқаи лутфи азал,
Ту паси парда чӣ донӣ, ки кӣ хуб асту кӣ зишт?
Ҳама кас толиби ёранд, чи ҳушёру чи маст,
Ҳама ҷо хонаи ишқ аст, чи масҷид, чи куништ[5].

[1] **Сикандарӣ** – мувофиқи ривоёт Инскандар оинаи ҷаҳоннамо сохта будааст, яъне оинасозӣ.
[2] **Додгустар** – адолатпеша, одил.
[3] **Ринд** – зирак, ҳушёр, озодфикр, бебок, ишратдӯст.
[4] **Зоҳид** – гӯшанишин, парҳезгар, порсо, он ки тарки дунё кардааст, диндор.
[5] **Куништ** – ибодатхонаи яҳудиён ва умуман ғайримусулмон.

Сари таслими ману хишти дари майкадаҳо,
Муддаӣ[1] гар накунад фаҳми сухан, гӯ: - Сару хишт.
На ман аз хонаи тақво бадар афтодаму бас,
Падарам низ биҳишти абад аз даст биҳишт[2].
Боғи фирдавс латиф аст, валекин зинҳор,
Ту ғанимат шумур ин сояи беду лаби кишт.
Ҳофизо, рӯзи аҷал гар ба каф орӣ ҷоме,
Яксар аз кӯи харобот[3] барандат ба биҳишт.

## Савол ва супориш

**1.Кадом касро «ринд» меномидаанд?**
**2.Ҳофиз бо зоҳид дар чӣ мавзӯъ баҳс мекунад? Зоҳид чӣ талаб мекунаду Ҳофиз чӣ ҷавоб медиҳад?**
**3.Мазмуни ғазалро нақл кунед.**
**4.Даъвои зоҳидро ба андешаи худ муайян кунед.**
**5.Ғазалро аз бар кунед.**

Дар намозам хами абрӯи ту бо ёд омад,
Ҳолате рафт, ки меҳроб ба фарёд омад.
Аз ман акнун тамаи сабру дилу ҳуш мадор,
К-он таҳаммул[4], ки ту дидӣ, ҳама бар бод омад.
Бода софӣ шуду мурғони чаман маст шуданд,
Мавсими ошиқию кор ба бунёд омад.
Бӯи беҳбуд зи авзои ҷаҳон мешунавам,
Шодӣ овард гулу боди сабо шод омад.
Эй арӯси ҳунар, аз бахт шикоят манамой,
Ҳаҷлаи[5] ҳусн биёрой, ки домод омад.
Дилфиребони наботӣ ҳама зевар бастанд,
Дилбари мост, ки бо ҳусни худодод омад.
Зери боранд дарахтон, ки тааллуқ доранд,
Эй хушо сарв, ки аз бори ғам озод омад.

---

[1] **Муддаӣ** – даъвогар, додхоҳ; дар ин ҷо киноя аз зоҳид, шайх.
[2] **Биҳишт** – дар ин ҷо ба маънии аз даст додан.
[3] **Харобот** – майхона, майкада.
[4] **Таҳаммул** – сабру тоқат.
[5] **Ҳаҷла** – хона ё ҳуҷраи арӯс.

Мутриб, аз гуфтаи Ҳофиз ғазале нағз бихон,
То бигӯям, ки зи аҳди тарабам ёд омад.

## Савол ва супориш

**1.Бурро ва ифоданок хондани ғазалро машқ кунед.**
**2.Байтҳои ҷудогонаи ғазал кадом мавзӯъҳоро дар бар мегиранд?**
**3.Муносибати маънои ин байтҳо дар чӣ зоҳир мегардад?**
**4.Барои чӣ шоир аз авзои ҷаҳон беҳбудӣ мехоҳад?**
**5.Ибораи ҳусни худодод чӣ маънӣ дорад.**

Ҷамолат офтоби ҳар назар бод!
Зи хубӣ рӯи хубат хубтар бод!
Ҳумои[1] зулфи шоҳиншаҳпаратро,
Дили шоҳони олам зери пар бод!
Касе к-ӯ бастаи зулфат набошад,
Чу зулфат дар ҳаму зеру забар бод!
Диле, к-ӯ ошиқи рӯят набошад,
Ҳамеша ғарқа дар хуни ҷигар бод!
Буто, чун ғамзаат новак[2] фишонад,
Дили маҷрӯҳи ман пешаш сипар бод!
Чу лаъли шаккаринат бӯса бахшад,
Мазоқи[3] ҷони ман з-ӯ пуршакар бод!
Маро аз туст ҳар дам тоза ишқе,
Туро ҳар соате ҳусне дигар бод!
Ба ҷон муштоқи рӯи туст Ҳофиз,
Туро дар ҳоли муштоқон назар бод!

[1] **Ҳумо** – мурғи афсонавӣ
[2] **Новак фишондан** – ин ҷо ба маънои тир андохтан ва аслан назар кардан.
[3] **Мазоқ** – ҳисси таъм, ком ва забон.

## Савол ва супориш

1.Ғазал аз чанд байт иборат аст?
2.Дар шеър кадом санъатҳои бадеӣ истифода шудаанд?
3.Тарзи дуруст хондани шеърро машқ кунед.
4.Калимаи **бод** чӣ маъно дорад?
5.Калимаи **шоҳиншаҳнаратро** ба ҳиҷоҳо ва қисмҳои маънодор ҷудо карда, аз ҷиҳати забон маънидод намоед.
6.Шеърро ҳифз намоед.

Рӯзи васли дӯстдорон ёд бод,
Ёд бод, он рӯзгорон ёд бод!
Ин замон бар кас вафодорӣ намонд,
Он вафодорону ёрон ёд бод!
Комам аз талхии ғам чун заҳр гашт,
Бонги нӯши бодахорон ёд бод!
Гарчи ёрон фориғанд аз ёди ман,
Аз ман эшонро ҳазорон ёд бод!
Мубтало гаштам дар ин банду бало,
Кӯшиши он ҳақгузорон ёд бод!
Гарчи сад рӯд аст дар чашмам мудом,
Зиндарӯди боғкорон ёд бод!
Рози Ҳофиз баъд аз ин ногуфта монд,
Эй дареғо, роздорон ёд бод!

## Савол ва супориш

1.Шеърро ифоданок хонед.
2.Аз ғазал калимаҳои **дӯстдорон**, **вафодорон**, **ҳақгузорон**, **боғкорон** ва **роздорон**-ро шарҳ дода, ба маънии сатрҳову байтҳо чӣ тобише бахшидаанд, фаҳмонед.
3.Шоир аз чӣ афсӯс мехӯрад ва киҳоро ёдовар мешавад?
4.Шеър дар кадом рӯҳия навишта шудааст?
5.Ғазалро ҳифз намоед.

Сахар булбул ҳикоят бо сабо[1] кард,
Ки ишқи рӯи гул бо мо чиҳо кард?
Аз он ранги рухам хун дар дил афтод,
В-аз ин гулшан ба хорам мубтало кард.
Ғуломи ҳиммати он нозанинам,
Ки кори хайр бе рӯву риё кард.
Ман аз бегонагон дигар нанолам,
Ки бо ман ҳар чӣ кард, он ошно кард.
Гар аз султон тамаъ кардам, хато буд,
В-ар аз дилбар вафо ҷустам, ҷафо кард.
Хушаш бод он насими субҳгоҳӣ,
Ки дарди шабнишинонро даво кард.
Ниқоби гул кашид аз зулфи сунбул,
Гиреҳбанди қабои ғунча во кард.
Ба ҳар сӯ булбули ошиқ дар афғон,
Танаъум[2] аз миён боди сабо кард.
Башорат бар ба кӯи майфурӯшон,
Ки Ҳофиз тавба аз зӯҳду риё[3] кард.
Вафо аз хоҷагони шаҳр бо ман,
Камоли давлату дин булвафо[4] кард.

## Савол ва супориш

1.Образ – симоҳои асосии тасвирнамудаи шоир киҳо ва ё чиҳоянд?
2.Зимни тасвир кадом воситаҳои бадеӣ истифода гардидаанд?
3.Булбул бо сабо чӣ ҳикоят кард?
4.Шеърро ифоданок қироат намуда, ҳар як байти онро маънидод намоед.

---

[1] **Сабо** – насими форами боде, ки аз самти Шарқ мевазад.
[2] **Танаъум** – ба нозу неъмат парваридан.
[3] **Зӯҳду риё** – парҳезгориву порсоӣ.
[4] **Булвафо** – вафодор, бовафо.

Марҳабо, эй пайки[1] муштоқон, бидеҳ пайғоми дӯст,
То кунам ҷон аз сари рағбат фидои номи дӯст
Волаву шайдост доим ҳамчу булбул дар қафас,
Тӯтии табъам зи ишқи шаккару бодоми дӯст.
Зулфи ӯ дом асту холаш донаи он дому ман,
Бар умеди донае афтодаам дар доми дӯст!
Сар зи мастӣ барнагирад то ба субҳи рӯзи ҳашр[2],
Ҳар кӣ чун ман дар азал як ҷуръа хӯрд аз ҷоми дӯст.
Бас нагӯям шаммае аз шарҳи шавқи худ аз он-к,
Дарди сар бошад намудан беш аз ин иброми[3] дӯст.
Гар диҳад дастам, кашам дар дида ҳамчун тӯтиё,
Хоки роҳе, к-он мушарраф гардад аз иқдоми дӯст.
Майли ман сӯи висолу қасди ӯ сӯи фироқ,
Тарки коми худ гирифтам, то барояд коми дӯст.
Ҳофиз, андар дарди ӯ месӯзу бедармон бисоз,
З-он, ки дармоне надорад дарди беороми дӯст.

## Савол ва супориш

**1.Ғазал дар кадом мавзӯъ навишта шудааст?**
**2.Шоир дӯстро чӣ гуна тасвир намудааст?**
**3.Барои васфи дӯст кадом калима ва ифодаҳо кӯмак кардаанд?**
**4.Шеърро ифоданок хонед ва баъзе байтҳои онро аз ёд кунед.**

### ҒАЗАЛ

Шаклан, яке аз намудҳои шеър (назм) буда, қофиябандиаш ин тарз аст: ду мисраи аввал ва ҳамаи мисраъҳои дуюми байтҳои боқимондаи он ҳамқофияанд (аа, ба, ва, га).

[1] **Пайк** – қосид, мухбир, хабар, паём.
[2] **Ҳашр** – қиёмат.
[3] **Иблом** – исрор, истодагарӣ.

Висоли ӯ зи умри ҷовидон беҳ,
Худовандо, маро он деҳ, ки он беҳ.
Ба шамшерам заду бо кас нагуфтам,
Ки рози дӯст аз душман ниҳон беҳ.
Дило доим гадои кӯи ӯ бош,
Ба ҳукми он, ки давлат ҷовидон беҳ...

Маънои луғавии «ғазал» дӯст доштан аст. Бинобар ин давраи аввали пайдоиши ғазал мундариҷаи онро тараннуми ишқу муҳаббат дар бар мегирифт. Ҳаҷми он аз 7-11 байт зиёд набуд. Аммо ба мурури замон шумораи байтҳо дар ғазал афзуда, он аз ҷиҳати мазмун низ тағйир ёфт. Минбаъд дар ғазал андешаҳои фалсафӣ, ахлокию тарбиявӣ низ дохил гаштанд.

Ғазалҳои Ҳофизи Шерозӣ намунаи барҷастаи онҳост.

# ИБНИ ЯМИН

Исмаш Амир Фахруддини Маҳмуд буда, падараш Яминуддин ном доштааст. Ӯ дар таърихи адабиётамон бо номи Ибни Ямин (яъне фарзанди Ямин) машҳуру маъруф аст.

Ибни Ямин соли 1286 дар қарияи Фарюмади вилояти Хуросон ба дунё омад. Дар бораи касбу кори аҳли оилаи онҳо маълумоте нест. Тахмин меравад, ки онҳо заминдори миёнаҳоле буда, ба кори деҳқонӣ шуғл меварзиданд ва ризқу рӯзии аҳли оиларо бо меҳнати ҳалол таъмин мекарданд. Аз мутолиаи ашъори Ибни Ямин чунин маънӣ бармеояд, ки ӯ аз хурдсолӣ хеле бачаи боғайрат буда, ба ҳодисаҳои акнофу атроф кунҷковона назар дӯхта, сабабҳои пайдоиши онҳоро фаҳмидан мехостааст.

Вилояти Хуросон аз қадимулайём бо шаҳру деҳкадаҳои ободи худ машҳуру маълум буда, барои нашъунамои илму фарҳанг шароити мусоиде дошт. Ибни Ямин ҳам дар масҷиду мадрасаҳои ҳамин кишвар таҳсили илм карда, аз улуми замонааш баҳраҳо бардошта, соҳиби маълумоти хуб гардидааст. Ӯ аз хурдсолӣ ба шеъру шоирӣ меҳр баста, аз мактаби эҷодии Рӯдакӣ, Фирдавсӣ ва дигар шоирони гузаштаю муосири худ сабақҳо гирифтааст. Ба шеъри устод Рӯдакӣ – «Ҳар бод, ки аз сӯи Бухоро ба ман ояд» ғазали нӯҳбайтӣ назира гуфтани Ибни Яминро ба осонӣ пай бурдан мумкин аст:

Бӯе, ки зи чини сари зулфат ба ман ояд,
Хуштар зи дами нофаи мушки Хутан ояд.

Ӯ дар бораи Фирдавсии бузург бо ҳаяҷони зиёд мегӯяд:

Сиккае к-андар сухан Фирдавсии Тӯсӣ нишонд,
Кофирам, гар ҳеҷ кас аз зумраи фурсӣ нишонд.

Аввал аз болои курсӣ дар замин омад сухан,
Ӯ суханро боз боло бурду бар курсӣ нишонд.

Рӯзгузаронии шоир аз маҳсули шеъру шоирӣ набудааст. Ӯ касбу кори ниёгони худ - деҳқониро пеша карда, бо каланди бобой ризқу рӯзӣ пайдо мекардааст.

Деҳқанат пеша гирифт Ибни Ямин,
То ҳам аз кишти худаш ояд бор.

Ибни Ямин дар аксар намудҳои (шакли) шеърӣ асар эҷод кардааст. Меросии адабии ӯ зиёда аз 16 ҳазор байтро ташкил менамояд, ки он аз қасида, ғазал, қитъа, рубоӣ, маснавӣ, таркиббанд, тарҷеъбанд ва ғайра иборат аст. Ӯ дар таърихи адабиётамон бештар бо қитъасароӣ машҳур гаштааст.

Мундариҷаи қитъаҳои Ибни Ямин аз панду насиҳат, мадҳи одоби ҳамида, даъват ба некномӣ, парҳезгор будан аз тамаъ ва нопокӣ, умедвор будан ба фаворасии рӯзҳои нек ва ғайра иборат аст:

Маҷӯ Ибни Ямин ҷуз некномӣ,
Агар хоҳӣ, ки доим зинда монӣ,
Намирад ҳар кӣ номи нек аз ӯ монд,
Ҳамин бошад ҳаёти ҷовидонӣ.

Ибни Ямин 30 январи соли 1368 дар зодгоҳаш вафот мекунад.

## НАМУНА АЗ ҚИТЪАҲОИ ИБНИ ЯМИН

### МАНФИАТИ ЛУТФУ МЕҲРУБОНӢ

Ба тамсил Ибни Ямин гуфтае,
Кунад арз бар шоҳи фармонраво.
Ҳунарманд монанди бозе бувад,
Ки ӯро ба дом оварӣ аз ҳаво.

Ба таълими сайдаш машав ранҷа хеҷ,
Ки нек орад он санъат ӯ худ ба ҷо.
Ҳамин бас, ки он бози бегонаро,
Кунӣ бо худ аз рохи лутф ошно.
Чу вахшат ба куллӣ зи табъаш равад,
Диҳад з-он пасаш аз ҳунар баҳраҳо.
В-агар унф бинад, чу ёбад маҷол,
Кунад хештанро зи доматт раҳо.
Ба лутфаш нигоҳ дор, агар боядат,
Ки бошад чунин шоҳбозе туро.

## Саволҳо ва супориш

**1.Боз чӣ гуна паранда аст? Он ба сайёдҳо чӣ тарик ёрӣ мерасонад?**
**2.Ба боз монанд карда шудани шахси ҳунарманд чӣ маънӣ дорад?**
**3.Шоҳ чӣ гуна рафтор кунад, ки шахси ҳунарманд ба хизматаш омода бошад?**
**4.Дар бораи меҳрубонӣ боз чиҳо гуфта метавонед? Мақоли «Бо сухани хуш мор ҳам аз сӯрохаш мебарояд»-ро маънидод кунед.**

### САХОВАТПЕША БУДАН

Шабе дар таворих[1] кардам нигоҳ,
Шиори бузургони пешинаро.
Дирамро бад-он гуна афшондаанд,
Ки дар пеши мурғон касе чинаро[2].
Валекин бузургони ин асри мо,
Ки сайқал зананд аз дил оинаро,
Чунонанд, к-аз баҳри тавфири[3] хеш,
Зи ҳафта бидузданд одинаро[4],

[1] **Таворих** – таърих, саҳифаҳои таърих.
[2] **Чина** – дона.
[3] **Тавфир** – нафъ, фоида.
[4] **Одина** – рӯзи ҷумъа.

Ҳар он кас, ки мадҳи чунинҳо кунад,
Ниҳад дар бари гов бузинаро.

### Саволхо ва супориш

1.Шоир аз таърихи гузашта чиро ба хотир овардааст?
2.Бузургон-ҳокимони замони шоир чӣ гуна касон будаанд?
3.«Аз хафта одинаро дуздидан» чӣ маъно дорад?
3.Ҳафта аз чанд рӯз иборат аст.
4.Қитъаро аз бар кунед.

## ТАМАЪКОР НАБУДАН

Ҳар балое, ки мешавад воқеъ,
Дар миёни халоиқи[1] олам.
Чун накӯ бингарӣ, тамаъ бошад,
Маншаи[2] он бало зи бешиву кам.
Гар набудӣ тамаъ[3], наяфтодӣ.
Аз биҳишти барин бурун Одам.
Ҳар кӣ нақши тамаъ зи лавҳи замир[4],
Бистурад[5], вораҳад[6] зи меҳнату ғам.
Аз тамаъ дур бош, Ибни Ямин.
Гар диле боядат хушу хуррам.

### Саволхо ва супориш

1.Балоҳо ба сари одам аз чӣ сар мезадаанд?
2.Меҳнат накарда ба моли мардум тамаъ кардан оё кори хуб аст?

---

[1] **Халоиқ** – ҷамъи халқ, мардум.
[2] **Маншаъ** – ибтидо, асос
[3] **Тамаъ** - умедворӣ ба молу чизи касон.
[4] **Нақши замир** – аз таҳти дил.
[5] **Бистурад** – тоза созад, пок кунад.
[6] **Ворахад** – озод шавад, халос шавад.

**3.Қиссаи аз биҳишт ронда шудани Одаму Ҳавворо кӣ ёдоварӣ мекунад? Шоир онро ба чӣ маънӣ ёдовар шудааст?**

**4.Қитъаро аз ёд кунед.**

## ДӮСТРО ШОД ДОШТАН

Мақсуди коху суффаву айвон нигоштан[1],
Кошонаҳои[2] сар ба фалак барфароштан[3],
Гулҳои дилфиребу дарахтони мевадор,
Дар боғу бӯстон зи раҳи айш коштан.
Донӣ чарост? То ба муроди дил андар ӯ,
Як лаҳза дӯсте битавон шод доштан.
В-ар не, кадом мардуми оқил бино кунад,
Ҳаргиз иморате, ки бибояд гузоштан[4]?

### Саволҳо ва супориш

**1.Мақсад аз сохтанҳо чӣ будааст?**

**2.Ба чунин поян баланд бардоштани мақоми дӯстро тафсир диҳед. Андешаҳои худро ба чунин байти Ҳофизи Шерозӣ тақвият диҳед:**

Агарчи дӯст ба чизе намехарад моро,
Ба оламе нафурӯшем мӯе аз сари дӯст.

**3.Мазмуни шеърро пай дар пай нақл намоед.**

[1] **Нигоштан** – сохтану оро додан.
[2] **Кошона** – иморат, хона.
[3] **Барафроштан** – бардоштан, сохтан.
[4] **Гузоштан** – монда рафтан.

## ДАР ҶУСТАНИ ИЛМУ ҲУНАР

Эй дил, ба ҷустуҷӯи ҳунар дар ҷаҳон бигард,
Бошад, ки овариш ба ҳар ҳиллате ба даст.
Мард он бувад, ки дар гаҳу бегаҳ нишони илм,
Ҷӯяд ба ҳар диёр зи ҳар ҳушёру маст.
Гар илм ёфт, сарвари аркони хеш гашт,
В-ар мурд, узри ӯ бари асҳоб равшан аст.

### Саволҳо ва супориш

**1.Барои соҳиби илму ҳунар шудан чӣ корҳо кардан лозим будааст?**
**2.Илму ҳунарро аз киҳо омӯхтан мумкин будааст?**
**3.Баъди соҳиби илму ҳунар шудан кас ба чӣ соҳиб мешудааст?**
**4.Қитъаро якчанд бор қироат кунед ва мазмуни онро дар хотир доред.**

## ПАНДНОМАИ АНӮШЕРВОН
### (порча аз манзума)

Нахуст он ки то рӯзу шабро мадор,
Бувад аз ҳаводис, шигифтӣ мадор.
Дигар он, ки зинда мадон хешро,
Чу марҳам наёбӣ дили решро.
Дигар он, ки ҳақ гӯӣ бо ҳар касе,
В-агарчи ба талхӣ гирояд басе.
Дигар он, ки риндони кеҳтарнавоз,
Беҳ аз порсоёни бо кибру ноз.
Дигар он, ки гар кеҳтаре меҳ шавад,
Зи ҳамтои худ дар ҳунар беҳ шавад.
Дигар он, ки мағруртар он кас аст,
Ки дод аз пайи нася нақде зи даст.
Дигар он, ки гар мард доно бувад,
Ба майдони дониш тавоно бувад.

Дигар гар нахоҳӣ ту, эй номҷӯй,
Ки бад гӯядат кас, бади кас магӯй.
Дигар он, ки саргашта монӣ ҳаме.
Ки нокардаро карда донӣ ҳаме.
Дигар он, ки чун пардаи кас дарӣ,
Кунад бо ту гетӣ ҳамон доварӣ.
Дигар он, ки бе бим бошад касе,
Ки озори мардум наҷӯяд басе.
Дигар он, ки қадри бузургон бидон,
Сухан пеши эшон ба андоза рон...
Кунун, эй хирадманди бисёрҳуш,
Суханҳои ҳикмат расидат ба гуш,
Гарат ҳаст шоистаю дилпазир,
Аз ин достон як ба як ёд гир.

Супориш

**1.Ин порчаи манзумаро бодиққат мутолиа намоед. Ҳар як байташро дар алоҳидагӣ маънидод кунед, дар бораи ҳар кадом байт андешаҳои худро арз намоед.**
**2.Пандномаро аз бар намоед.**

## ҚИТЪА

Мазмуни луғавии қитъа - порча, қисм, ҷузъ мебошад. Ҳамчун истилоҳ қитъа ба ду маънӣ фаҳмида мешавад:

1.Як пора аз шеъри комил.

2.Шакли мустақили адабӣ.

Қитъа – як намуди шеъри лирикӣ буда, дар бораи масъалаҳои гуногуни зиндагӣ, бештар аз ҳама панду ахлоқ, ҳодисаҳои таърих, муҳаббат, ҳасби ҳол ва ғайра эҷод мешавад.

Хурдтарин қитъа аз ду байт таркиб меёбад. Шакли қофиябандии қитъа аксаран аб, вб, гб мебошад. Баъзан ба шакли аа, ба, ва... низ меояд. Қитъаҳои Ибни Ямин намунаи барҷастаи ин жанри адабист.

# ЗАЙНИДДИН МАҲМУДИ ВОСИФӢ

Номаш Зайниддин Маҳмуд буда, ӯ дар Ҳирот соли 1485 милодӣ таваллуд ёфтааст. Падараш Абдулҷалил олим ва илмдӯст буд. Восифӣ тахаллуси ӯст.Восифӣ қобилияти фавқулоддаеро соҳиб буд, ӯ дар синни 12-13 – солагиаш шоир ва шеършинос шуда буд.

Ӯ дар ёддоштҳои худ фазилатҳои ҷузъии хешро аз забони Амир Муҳаммад ном ҳамзамони худ ба тарзи зерин нақл мекунад (мазмунан):

«...Амир Муҳаммад гуфт: - Восифӣ дар чанд кор ягонаи замон ва бемонанд аст: якум, ӯ қувваи сарпанҷае дорад, ки дар Хуросон ҳеҷ забардасте бар вай зафар наёфта ва панҷаи ӯро натофта; дуввум, қувваи рафтор ва равандагии[1] ӯ ба дараҷаест, ки аз Машҳад то Ҳирот, ки 65 фарсанг (520 километр) буда, роҳест дар камоли сахтӣ ва дуруштӣ, дар ду рӯз (пиёда) тай кардааст; саввум, шиновар (оббозе) аст, ки як бор дар Боғизоғон (Боғизоғони Ҳирот) Фаридун Ҳусайнмирзо фармуд, то ду дасти ӯро ба ду пояш баста (кулӯла кард) дар ҳавз андохтанд. Ӯ дар ин ҳол аз вақти намози пешин то намози аср дар он ҳавз оббозӣ кард; чорум, ӯ ҳофизи хушовозу хушхон аст, ки ҳеҷ ҳофиз баробари ӯ хонда наметавонад; панҷум, ӯ дар ваъз (нутқгӯӣ) шогирди Мавлоно Ҳусайн Воиз аст. Мавлонои мазкур дар ҳаққи ӯ гуфтаанд, ки «миёни ману ӯ ҳамин қадар фарқ ҳаст, ки ман хушовоз нестам ва ӯ овози хуш дорад»; шашум, чунон муқаллидест[2], ки ҳаракати ҳар касро айнан иҷро мекунад; ҳафтум, дар муаммокушоӣ ба мартабаест, ки ҳар муамморо[3], ки бошад, ном ногуфта мекушояд; нуҳӯм,

[1] **Раванда** – нағз роҳгарданда, тезрав.

[2] **Муқаллид** – тақлидкунанда.

[3] **Муаммо** – сухани сарбаста.

тезнавис аст, ки дар як рӯз **«Қофия»**, **«Шофия»** ва **«Шамсия»**-ро (ҳамаи инҳо дар як ҷо аз шаш ҷузъи чопӣ зиёдтаранд) чунон менависад, ки асло дар онҳо хатое роҳ намеёбад; даҳум, дар сабр кардан ба шиддати гуруснагӣ ба ҳаддест, ки дар рӯз рӯзаи гузаро (шабу рӯз чизе нахӯрда) доштан метавонад; ёздаҳум, дар бадеҳа, шеъргӯӣ ба дараҷаест, ки агар касе фармояд, ягон қасидаи панҷоҳ, шастбайтии устодонро дар як шаб ҷавоб мегӯяд...»

Ҳаёти минбаъдаи шоир ва нависандаи закитабъ дар Бухоро, Самарқанд ва Тошканд мегузарад. Ӯ тахминан дар солҳои 1556 дар шаҳри Тошканд вафот мекунад.

«Бадоеулвақоеъ» куллиёт ё маҷмӯи осори ҳам насрию ҳам назмии ӯст. Ин асар асари бадеӣ, таърихӣ, ҷуғрофӣ аст. «Бадоеулвақоеъ» (воқеаҳои бадеъ) ҳамчунин асари ёддоштӣ эътироф шудааст.

### Савол ва супориш

**1.Дар бораи Восифӣ маълумот диҳед.**
**2.Восифӣ чӣ гуна фазилатҳоро доро будааст?**
**3.Асари ёддоштии ӯ чӣ ном дорад?**

## ЁДДОШТҲОИ ВОСИФӢ ДАР БОРАИ ҲАМСӮҲБАТ ШУДАНИ ҚОЗИЗОДАИ СИИСТОН БО НАВОӢ ВА ҶОМӢ

**(Зиёрати Ҷомӣ)**

Восифӣ мегӯяд: Шайх Баҳлул мегуфтанд, ки Мавлоно Наҳвии Ҳиротӣ, ки аз шоирони машҳури Хуросон буд, мардуми Нимрӯз, яъне Сиистон ва обу ҳавои онро ҳаҷв карда буд ва баъзе абёти он қасидаи ҳаҷвия ин аст:

Саргаштатар зи ахтарам[1] аз гардиши фалак,
Толеъ намекунад мададу бахт-ҳеҷ як.

[1] **Ахтар** – ситора, кавкаб, наҷм.

Афтодаам ба хиттаи[1] вайронае, ки ҳаст,
Бодаш самуми[2] оташеву хоки ӯ намак.
Ҳар сӯ ба рӯз пай барияш дузд дар камин[3],
Бар қасди ҷон нишаста чун бемории лакак[4].

Қозии Сиистонро писаре буд зариф ва хуштабъ ва ӯ қасидаи мазкури Мавлоно Наҳвиро ҷавоб гуфта буд ва як байти он қасидаи ҷавобӣ ин аст:

Гар айби хоки поки Сиистон кунад касе,
Дарё палид менашавад[5] аз даҳони саг.

Вақте қасида ба Мир Алишер расид, гуфт, ки писари қозии Сиистон фозили комил будааст, аҷаб аст, ки то ҳол бо вай маърифате надорем.

Чун ин меҳрубонии Мирро баъзе дӯстдорони ӯ ба вай расониданд, ба нияти ба ҳузури Мир Алишер расидан, аз Сиистон ба Ҳирот омад.

Вақте ки Қозизода ба сӯҳбати Мир Алишер расид, баъд аз пурсупос Мир ба ӯ гуфт:

– Шумо қасидаи Мавлоно Наҳвиро ҷавоб гуфтаед, худ гӯед, ки Шумо беҳтар гуфтаед, ё Мавлоно Наҳвӣ?

– Ман беҳтар гуфтаам, – гуфт Қозизода дар ҷавоб.

Мир Алишер ин ҷавобро шунида дар андеша афтод, ки:

– «Ин маврид мавриди шикасти нафс ва хоксорӣ буд, бояд ӯ мегуфт, ки «Мавлоно Наҳвӣ беҳтар гуфтаанд». Аз Қозизода, ки ба хуштабъӣ ва толибилмӣ[6] машҳур аст, ин гуна худситоӣ ва худписандӣ бисёр аҷиб аст?»

Мир бо ин мулоҳиза боз аз вай пурсиданд:

---

[1] **Хитта** – хок, замин, мамлакат, вилоят.
[2] **Самум** – боди бисёр гарм ва зарарнок, ки бештар дар биёбонҳои регзори беобу алаф воқеъ мешавад.
[3] **Камин** – ҷои пинҳон шудан ба мақсади ҳуҷум ба душман ва ё шикор, шинак, камингоҳ.
[4] **Лакак** – ноумед.
[5] **Менашавад** – намешавад.
[6] **Толибилмӣ** – толиби илм (ҷӯянда, орзуманд).

– Бо кадом далел Шумо беҳтар гуфтаед?

– Мавлоно Наҳвӣ, – гуфт Қозизода дар ҷавоб, – ҳар чизе ки дар ҳаққи сиистониёни мо гуфтаанд, ҳамагӣ рост ва ҳақиқат аст ва ҳар чизе, ки ман дар мадҳи[1] он сарзамин гуфтаам, тамоман дурӯғ аст.

Чун гузаштагон гуфтаанд, ки «дурӯғтарини шеър беҳтарини вай аст», шеъри ман, ки дурӯғтар аст, беҳтар аст.

Мирро ин ҷавоби Қозизода бисёр хуш омад ва ӯ дар хуштабъӣ ва ҳозирҷавобӣ аз он дараҷае, ки шунида буд, ба назараш беҳтар ва болотар ҷилва кард ва ба ӯ аз ҳад зиёд инъом ва илтифот намуд.

Мир Алишер ҳамон рӯз ба мулозамати[2] Мавлоно Нуриддини Абдураҳмони Ҷомӣ расид ва дар вақти сӯҳбат таассуротеро, ки аз сӯҳбати Қозизода гирифта буд, ба Мавлоно ҳикоят кард.

Ҷомиро аз ин ҳикоят ҳаваси сӯхбати Қозизодаи мазкур пайдо шуд ва ба Алишер гуфт:

– Мо агар манзили Қозизодаро медонистем, ба мулозиматашон мерасидем.

Вақте ки Мир Алишер ба хонаи худ бозгашта омад, ба мулозимони худ фармуд, ки Қозизодаро ёфта бинанд ва ӯро бо ин илтифоти[3] Мавлавӣ Ҷомӣ табрик намоянд ва ба ӯ гӯянд, ки зудтар ба хизмати ҳазрати Мавлавӣ равад.

Вақте ки Қозизода аз меҳрубонии Ҷомӣ хабардор шуд, зуд ба хонаи ӯ рафт, то ки ӯро зиёрат кунад.

### Саволу супориш

1. **Шиносоии Мир Алишерро бо писари Қозизодаи Сиистон батафсил нақл кунед.**
2. **Чаро ҷавоби сухани Қозизода ба Мир Алишер хуш омад?**
3. **Тафсилоти воқеаро Мир Алишер ба кӣ гуфт?**

[1] **Мадх** – ситоиш, таъриф, тавсиф.

[2] **Мулозамат** – хизматгузорӣ, навкарӣ ба касе, пайваста ва вобаста будан.

[3] **Илтифот** – таваҷҷӯҳ, эҳтиром, лутф.

**4. Барои чӣ Ҷомӣ иштиёкманди дидани Қозизода шуд?**

**5. Луғатҳои ин ҳикоятро ҳифз намоед.**

## ЁДДОШТИ ВОСИФӢ ДАР БОРАИ РАССОМ БЕҲЗОД ВА СУРАТИ НАВОӢ

Восифӣ дар ёддошти худ дар муқаддимаи тасвири Мир Алишер мегӯяд: «Подшоҳон ҳамеша ҷамъе аз мусаввирони (рассомони) сеҳрофарин ва наққошони бадоеоинро[1] дар дарбори худ нигоҳ дошта, назари илтифот ба ҳоли эшон гумоштаанд[2]. Чунки ин тоифаи тарабангез[3] ва ин фирқаи латофатомез сабаби хурсандии оммаи аҳли оламанд. Бинобар ин, подшоҳи мабрур[4] (Ҳусайн Бойқаро) аз миёни ҳунармандони ин санъат устод Беҳзоди наққошро баргузида[5], ӯро «Монии сонӣ» лақаб дода буд.

Ҳар гоҳ он подшоҳро ғаме аз оламе мерасид, устоди моҳир сурате бар меомехт ва пайкаре меангехт (карикатурае мекашид), ки ба муҷаррадӣ[6] ба вай нигоҳ кардан, оинаи хотираш аз занги кудурат[7] пок мешуд.

Устод Беҳзод ҳамеша суратҳои гуногун ва нақшҳои нав ба нав бо худ дошт. Ӯ аксар сурати Бобо Маҳмудро, ки аз ҷумлаи умарои бузург буд, ба вазъиятҳои гуногун мекашид.

Бобо Маҳмуди мазкур сурати аҷиба ва ҳайати ғариба дошт ва ин қитъа гӯё дар шаъни ӯ воқеъ шуда буд:

Ҳама шаҳмиву[8] лаҳм[9], эй мири аъзам,
Хуш он, к-ӯ чун ту мире баргузинад.

---

[1] **Бадоеоин** – бемисл, беназир.
[2] **Гумошта** – таъиншуда ба амал ва вазифа, ин ҷо таваҷҷӯҳ ба касе.
[3] **Тарабангез** – хурсандкунанда, шодкунанда.
[4] **Мабрур** – он ки дар ҳаққи вай некӣ карда шудааст.
[5] **Баргузид** – писандид, интихоб намуд.
[6] **Муҷаррад** – танҳо, ин ҷо яъне ҳамин ки назар бар ӯ афтод.
[7] **Кудурат** – тавоноӣ, зӯр, нерӯ.
[8] **Шаҳм** – чарбу, равған.
[9] **Лаҳм** – гӯшт.

Агар аспи ту ҳаргиз каҳ наёбад,
Зи зафъи лоғарӣ кай ранҷ бинад?
Ту ҳар гоҳе, ки бар вай барнишинӣ,
Дусад ман гӯшт бар вай барнишинад.

Бобо Маҳмуд бо вуҷуди ин фарбеҳии бадан ва ғафсии пайкар дар камоли чустӣ ва чобукӣ ва дар ғояти сабукрӯҳӣ буд. Ӯ бо ҳаракатҳои ширин ва латифаҳои намакини худ дар дили оламиён ҷой гирифта буд.

Аз ҷумлаи ҳикоятҳои ширин, ки аз Бобо Маҳмуд нақл мекунанд, ин аст: «Султон Ҳусайнмирзоро Ашҳаб ном аспи тозинажод[1] буд ва дар ҳаққи ӯ ин байтҳо рост меомад:

Агар мард бар пушти ӯ по задӣ,
Нахустин қадам бар сурайё задӣ,
Савор аз хироми вай огоҳ нагашт,
Чу умре, ки дар шодмонӣ гузашт.
Ба сони ду гӯшаш ду пайкон кӣ дид?
Ду пайкон ба як тири паррон кӣ дид?

Қазоро он асп бемор шуд ва дар он вақтҳо вабои[2] асп омада буд ва мирохӯр ҳар рӯз ба подшоҳ хабари марги асперо меовард.

Чун подшоҳ хабари бемории он аспи сарсарихиромро шунид, беором шуд ва гуфт: «Ҳар касе, ки хабари марги аспро биёрад, аз миёнаш ду ним мекунам».

Иттифоқо ҳамон рӯз он асп мурд ва мирохӯр ба пеши Бобо Маҳмуд омада гуфт: «Ашҳаб ҷон ба ҷонофарин супурд. Агар ман ин хабарро ба подшоҳ расонам, бешак рӯҳи маро бар равони Ашҳаб савор карда, маро ба сарҳади олам равон хоҳад кард. Ба ғайр аз шумо касе ин воқеаро ба гӯши подшоҳ расонда наметавонад. Акнун ихтиёр дар дасти Шумо аст».

Бобо Маҳмуд пеши подшоҳ даромад ва дар ҷои муқаррарии худ нишаст. Подшоҳ аз вай аҳволи Ашҳаб пурсид. Ӯ аз ҷои худ

[1] **Тозинажод** – аспи зоти арабӣ.

[2] **Вабо** – навъе аз касалӣ.

бархост ва дар рӯ ба рӯи подшоҳ зону зада нишаст ва гуфт:

«– Шоҳо! Ҳамеша рахши давлатат дар зери зини виқор[1] ва ҳашамат бод! Иттифоқо ба дари ахтахона[2] мегузаштам, Ашҳабро дидам, ки аҷаб ҳолате ва одате пайдо карда ва ғариб[3] тариқае ихтиёр намуда, ки коҳу ҷаву об асло намехӯрад ва чунон хуфта буд, ки ҳеҷ ҳаракат намекард ва нафас намезад».

Подшоҳ хандакунон сухани ӯро бурид ва гуфт:

– Эй бадбахт, «Ашҳаб мурд» – гӯй-чӣ?

Бобо Маҳмуд гуфт: «Ҷаҳонпаноҳо! Шумо расонидани ин хабарро бо таҳдиди куштан манъ карда будед. Алҳамдулиллоҳ, ки оқибат худ бо забони муборак аз ин манъ хабар дода, бандагонро аз ин душворӣ баровардед».

Подшоҳ аз ин ширингуфторӣ ва суханварии Бобо Маҳмуд хурсанд ва хандон шуда фармуд, ки Ашҳадро кафан карда дар қабристони аъён[4] гӯронанд ва барои вай таъзия гирифта, ош доданд».

## Савол ва супориш

1. Беҳзод чӣ гуна наққош буд ва сурати Бобо Маҳмудро чӣ хел тасвир кардааст? Муфассал нақл кунед.
2. Ҳикояи подшоҳ ва аспи ӯро хонда нақл кунед.
3. Аз ин ҳикоя кадом сифатҳои Бобо Маҳмуд ба шумо писанд омад.
4. Чаро бузургон «Сухани хуб морро аз хонааш мебарорад» гуфтаанд? Оё ин мақол ба ин ҳикоят ягон мансубияте дорад?

«... Машҳур аст, ки устод Беҳзод саҳифаи мусавваре ба маҷлиси фирдавсиоини[5] сипеҳртазъини[6] амири кабир –

[1] **Виқор** – тамкин.
[2] **Ахтахона** – саисхона, аспхона.
[3] **Ғариб** – аҷиб.
[4] **Аъён** – ашроф, бузургон, калоншавандаҳо.
[5] **Фирдавсиоин** – боғи олӣ, биҳишти барин.
[6] **Сипеҳртазъин** – сипеҳр – фалак ва тазъин – зиннат, оро додашуда.

Мир Алишер овард. Дар он сурати хол чунон тасвир ёфта буд, ки боғчае ороста бо дарахтони гуногун ва бар шохсори он дарахтон мурғони хушилҳони букалмун[1] ва дар ҳар тараф ҷӯйборҳои ҷорӣ ва гулҳои шукуфта ва нимшукуфтаи сурху зарду зарнигорӣ. Сурати Мир Алишер чунон кашида шуда буд, ки дар он боғ дар асои худ такя зада истодааст ва табақҳои пурзару сим дар пеши худ ниҳода муҳайёи инъом ва эҳсон кардан аст.

Чун ҳазрати Мир он суратро мушоҳида ва мулоҳиза намуд, он саҳифаи латиф, боғчаи ботинашро бо гулҳои беҳҷат ва сурур ва атрофи ҳавзаи хотирашро бо дарахтони фарҳат ва ҳузур биёрост ва аз андалеби табъаш бар шохсори шавқ ва завқ навои «Алҳасан, алҳасан!» (хуб-хуб) бархост ва гуфт:

Наққош, аҷаб сафҳа мунаққаш кардӣ!
Эй вақти ту хуш, ки вақти мо хуш кардӣ!

ва баъд аз он рӯй ба аҳли маҷлис оварда пурсид:

– Азизонро дар тавсиф ва таърифи ин саҳифаи шарифа ба хотир чӣ мерасад?

Мавлоно Фасеҳуддин, ки устод ва муаллими Мир буда, аз ҷумлаи олимони машҳури Хуросон буд, фармуд:

– Махдумо! Ман чун ин гулҳои шукуфтаро дидам, хостам, ки даст дароз кунам ва гуле аз гулбун ҷудо карда ба дастори худ халонам.

Мавлоно Соҳиби Доро, ки надим ва мусоҳиби Мир буд, гуфт:

– Маро низ ҳамин хоҳиш буд, аммо андешидам, ки мабодо даст дароз кунам, ин мурғон рамида аз сари дарахтон парвоз намоянд.

Мавлоно Бурҳон, ки саромади зарифони Хуросон буд ва доимо бо Мир зарофат ва шӯхиҳо менамуд, гуфт:

– Ман мулоҳиза карда даст ва забон нигоҳ медорам ва дам задан намехоҳам, ки мабодо Мир ранҷида рӯй турш намуда,

[1] **Букаламун** – рангоранг.

абрӯи ризоро дарҳам кашанд ва ин шукуфтарӯӣ, ки дар расм доранд, якбора барҳам хӯрад.

Мавлоно Муҳаммади Бадахшӣ, ки ӯ ҳам аз зарифони Хуросон буд ва Мир Алишер ба вай «латифатарош» лақаб дода буд, гуфт:

– Эй Мавлоно Бурҳон, агар беодобӣ ва густохӣ намешуд, ман ин асоро, ки дар расм дар дасти Мир аст, гирифта бар сари ту мезадам. Мир Алишер гуфт:

– Азизон суханони хуб гуфтанд. Агар Мавлоно Бурҳон он дуруштиро намекарданд, ба хотир расида буд, ки ин табақҳои пурзарро, ки дар саҳифа нақш ёфтаанд, бар сари ёрон нисор намоям.

Баъд аз он устод Беҳзодро асп ба зину лаҷом ва ҷомаи муносиб бахшида, ба ҳар кадом аҳли сӯҳбат низ либосҳои фохир[1] инъом кард».

Восифӣ дар охири ин ёддошти худ ин байтро қайд кардааст:

Дареғу дард аз ин мардумон, ки хок шуданд,
Ба теғи марг ҷигаррешу синачок шуданд.

## Савол ва супориш

1.Беҳзод сурати Мир Алишерро дар чӣ манзара кашида буд?

2.Он тасвирро бодиққат аз назар гузаронед ва бо матни ҳикоят муқоиса намоед.

3.Аз рӯи гуфтаҳои аҳли маҷлис ба ҳунари расмкашии Беҳзод баҳо диҳед.

4.Байтеро, ки дар охири ин ҳикоят оварда шудааст, шарҳ диҳед ва дар хона аз ёд кунед.

5.Аз рӯи ягон мусаввараи манзаравӣ мубоҳиса ташкил намоед ва тасвири онро ба тариқи ҳикоя нависед.

[1] **Фохир** – бошукӯҳ, пуркимат.

## ДАР БОРАИ ПАҲЛАВОН МУҲАММАД АБӮСАИД, КИ ПАҲЛАВОНИ РАСМИИ ДАРБОРИ ҲУСАЙН БОЙҚАРО БУД

Восифӣ дар бораи паҳлавон Муҳаммад Абӯсаид мегӯяд: «Бо вуҷуди ин ки дар гӯштингирӣ касе аз паҳлавонони он замон зонуи ӯро хам карда наметавонистанд, дар ҷамеи илмҳо ва камолот, ки дар он замон ҷорӣ буд, тахассуси тамом дошт».

Мир Алишер дар маҷлиси чоруми «Маҷолисуннафоис» ном тазкираи худ паҳлавонро бад-ин тариқа тавсиф намудааст:

«Паҳлавон Муҳаммад Абӯсаид ба бисёр фазилатҳо ороста аст. Бо вуҷуди ин ки гӯштингирӣ ҳақ ва милки хоси ӯст ва дар ин пеша касе то ҳол монанди ӯ пайдо нашудааст, нисбат ба дигар камолоти ӯ ба пасттарин дараҷа меистад.

Ӯ дар мусиқӣ ва илми адвор /нотаи он замон/ беназири даврон аст ва дигар камолоти ӯ ҳам аз офтоб равшантар аст, ки ҳоҷат ба баён нест...

Фақир Навоӣ аз Астаробод ин рубоиро ба хизмати паҳлавон навишта фиристода будам:

Дар Каъбаву дайр мо ба иршоди[1] туем,
Дар сумиаву[2] майкада бо ёди туем,
Зокир саҳару шом ба авроди туем,
Яъне, ки ятими Неъматободи туем.

Паҳлавон дар ҷавоби ин рубоӣ рубоии зеринро навишта фиристода буд:

Эй Мир, ту пиру мо ба иршоди туем,
Доим ба дуогӯиву бо ёди туем.
Ин шаҳр ба ту хушасту мо бо ту хушем,
Мурдему хароби Астарободи туем.

---

[1] **Иршод** – ҳидоят кардан.

[2] **Сумиа** – ибодатгоҳ.

Ин матлаъ низ аз табъи паҳлавон аст:

Гуфтамаш: «Дар олами ишқи ту кори мо ғам аст»,
Гуфт хандон зери лаб: «Ғам нест, кори олам аст».

Восифӣ сухани худро давом дода мегӯяд: «...дар маҷлисе дар ҳузури Ҳусайн Бойқаро дар байни Шайхулислом ва Қозӣ Низом ба болои масъалае мунозира шуд. Шайхулислом ба сухани худ аз «Шарҳи мифтоҳ»[1]-и Мир Саид Шариф ва Тафтазонӣ далел овард. Қозӣ Низом «ин сухан дар он китобҳо нест» - гуфт ва хостанд он китобҳоро ёфта оварда он масъаларо ҳал кунанд. Паҳлавон Абӯсаид он ҷо буд. «Он китобҳоро ёфта овардан ҳоҷат нест» гуфт ва чанд саҳифа аз он китоб, ки ба он масъала дахлдор буд, хонда дод ва фарёди таҳсин ва офарини аҳли маҷлис дар ҳақи паҳлавон ба осмон расид».

Аммо бо хонда додани он китобҳо маълум шуд, ки Шайхулислом аз он китобҳо бардурӯғ ҳуҷҷат нишон дода будааст ва сухани Қозӣ Низом собит[2] шуд. Баъд аз маҷлис Шайхулислом берун рафта ба касони худ гуфт: – «Дар сӯҳбати чунин подшоҳи бузург, ки дар вай уламои изом[3] бошанд, чӣ маънӣ дорад, ки гӯштингире соҳиби сухан бошад?».

Чун ин хабар ба подшоҳ расид, ӯ гуфт: – «Ин гуна маҷлис ба Шайхулислом ва уламои замон тааллуқ дорад. Ман марди турке беш нестам. Агар паҳлавон Муҳаммад дар он гуна маҷлис салоҳият ва мартабаи сухан надошта бошад, ихтиёр ба Шайхулислом аст (яъне метавонад ӯро аз сухан манъ кунад)».

Дар маҷлисе, ки ҳамаи уламои бузург ба пеши Шайхулислом ҳозир буданд, ин сухани подшоҳ ба ӯ расид. Шайх ба аҳли маҷлис гуфт: – «Шумо дар ин хусус чӣ мегӯед?»

Онҳо гуфтанд: – «Шумо чизе гуфтед ва султон ба он сухани Шумо ҷавоб дод. Акнун ихтиёр бар шумост».

---

[1] **Мифтоҳ** – калид, мушкилкушо.
[2] **Собит** – устувор, исбот, маҳкам.
[3] **Уламои изом** – олимони бузург, азим.

Шайх баъд аз кадаре фикр карда истодан гуфт: - «Инсоф он аст, ки паҳлавон Муҳаммадро дар маҷлиси уламо аз сухан гуфтан манъ кардан мумкин нест» (Шайхулислом бо он ҳама инод ва мағрурии мансаб маҷбур шуд, ки фазилати паҳлавон Муҳаммадро эътироф намояд).

Восифӣ мегӯяд, ки паҳлавон Муҳаммад Абӯсаид дар бораи пешаи гӯштингирӣ, дар баёни қоидаҳо ва варзишҳои он китобе навиштааст дар латофат ва фасоҳат машҳур аст.

### Савол ва супориш

1. **Паҳлавон Муҳаммад Абӯсаид дорои кадом фазилатҳо будааст?**
2. **Абӯсаид мунозираи байни Қозӣ ва Шайхулисломро чӣ тавр ҳал намуд?**
3. **Сухани Шайхро бо сухани подшоҳ муқоиса кунед ва ақидаи хешро баён кунед.**
4. **Дар маҷлис уламо ба чӣ натиҷа омаданд?**
5. **Баъзе калимаҳои душворфаҳмро аз фарҳанг ёбед.**

## ДАР БОРАИ ГӮШТӢ ГИРИФТАНИ ПАҲЛАВОН АБӮСАИД БО ПАҲЛАВОН МУҲАММАДИ МОЛОНӢ

Восифӣ аз Хоҷа Абдуллоҳи Садри Марворид накл карда мегӯяд: - «Рӯзе дар сӯҳбати султон Ҳусайн Мирзо, ки дар он ҷо фозилон ва калонон буданд, паҳлавон Абӯсаид ғамнок ва андӯҳгин намуд. Султон дар пайи таҳқиқ ва тафтиши он ҳол афтод ва аз паҳлавон аҳволпурсӣ кард».

Паҳлавон гуфт: - Шоҳо, маро «Паҳлавони олам» лақаб додаед. Аммо ман ин лақабро ба худ мувофиқ ва сазовор намебинам.

Султон гуфт: - Чаро?

- Зеро ки - гуфт паҳлавон, - дар пойтахт (Ҳирот) монанди Муҳаммади Молонӣ паҳлавоне бошад, фақир бо вай гӯштин нагирифта ва ӯро нағалтонда чӣ гуна ба ин лақаб сазовор мешавам?

Султон гуфт: - Муҳаммади Молонӣ аз синфи одам нест, ӯ як девест ба сурати одам. Чӣ гуна раво бошад, ки Шумо бо вай гӯштӣ бигиред ва мубориза намоед.

Дар ҳамин вақт Муҳаммади Молонӣ даромада омад ва Мирзо ба вай гуфт:

- Паҳлавони оламро дағдағаи бо ту гӯштӣ гирифтан пайдо шудааст, ту чӣ мегӯӣ?

Ӯ гуфт: - Ҳоло ки ман нисбат ба он ҷаноб ин густохиро ба хотир гузаронам. Ман шогирди падари эшонам. Эшон маро махдум ва махдумзодаанд.

Паҳлавони олам гуфт: - Як шарти гӯштингир он аст, ки ҳар кас бо вай гӯштин гирифтанро талаб кунад, ибо нанамуда ва узре нагуфта қабул намояд.

Муҳаммади Молонӣ маҷбур шуд, ки қабул кунад ва ҳар ду тунбони гӯштингирӣ пӯшиданд ва дар мубориза кӯшиданд.

Муҳаммади Молонӣ паҳлавони оламро ба саломатӣ бар замин гузошта, даст аз вай бардошт».

Восифӣ дар охири ин ёддошти худ байти зеринро навиштааст:

Худое, ки болову паст офарид,
Забардасти ҳар даст даст офарид.

## Савол ва супориш

1. **Барои чӣ дар маҷлис табъи «Паҳлавони олам» гирифта буд?**
2. **Чаро Муҳаммади Молонӣ бо ӯ гӯштин гирифтан намехост?**
3. **Давоми ҳикоятро батафсил нақл кунед ва хулосаатонро гӯед.**
4. **Бо байти «Худое, ки болову паст офарид, Забардасти ҳар даст даст офарид» Восифӣ киҳоро мазаммат кардааст?**
5. **Роҷеъ ба ҳамин байт, ки « Забардасти ҳар даст даст офарид» ном дорад, нақша тартиб диҳед ва иншои хонагӣ нависед.**

## ДАР БОРАИ МУБОРИЗА КАРДАНИ ПАҲЛАВОН МУҲАММАДИ МОЛОНӢ БО ФИЛ

Восифӣ аз Мир Муҳаммад Юсуф нақл карда мегӯяд: «Дар соли 900 ҳиҷрӣ (1493), вақте ки султон Ҳусайн Мирзо дар йилоқи[1] Чилдухтарон хайма ва саропарда зада буд, аз подшоҳи Деҳлӣ ба ӯ як фил бо қумошҳои[2] ҳиндӣ тӯҳфа омад. Он фили манглусӣ[3] буд. Мардумон, ки Ҳиндустонро саёҳат карда буданд, мегуфтанд, ки мо дар мамлакати Ҳинд филе ба ин азимат надидаем.

Он фил гӯё кӯҳе буд, ки аз қуллааш аждаҳоро овехта ба чаҳор сутун дар зери он Бесутун ангехта[4] буданд.

Султон гуфт: – Худо накарда агар одам гирифтори вай шавад, чӣ гуна ҷон аз дасти ӯ тавонад раҳонид.

Паҳлавон Муҳаммади Молонӣ бо оҳанги ғурур ва истеҳзо[5] гуфт: – Шоҳо, чӣ гуна одамӣ бошад?

Шоҳ, ки ин сухан шунид, бар худ печид ва аз паҳлавон бағоят ранҷид ва дар дили худ гуфт: – «Ин чӣ кибру худбинӣ ва худнамоӣ аст, ки паҳлавон изҳор кард:

Ту ғарра машав, ба зӯри сарпанҷаву даст,
К-он ҷо, ки зиреҳгарист, пайконзор аст».

Баъд аз пароканда шудани аҳли байт султон амир Саидбадрро талабид ва ба ӯ шикоят кард, ки «Паҳлавон чӣ лофе буд, ки зад».

Саидбадр гуфт: – Ҳамон фил боди калонгирӣ ва худписандиро аз димоғи паҳлавон берун хоҳад овард.

Султон филбонро талабид ва ба ӯ гуфт: – Мехоҳам, ки паҳлавон Муҳаммади Молониро адабе кунам ва ӯро гӯшмол диҳам. Бояд, ки филро бо паҳлавон барангезӣ[6] ва ӯро тез кунӣ, ки вайро танбеҳ кунад.

Филбон гуфт: – Шоҳо, магар зуд аз ин фил дилгир шудаед?

---

[1] **Йилоқ** – бошишгоҳе, ки сабзу хуррам аст.
[2] **Қумош** – матои абрешимӣ, шоҳӣ.
[3] **Манглусӣ** – англисӣ.
[4] **Ангехта** – ин ҷо ба маънии ҷой додан.
[5] **Ғурур ва истеҳзо** – кибру калонгирӣ, кибру ғурур.
[6] **Барангехтан** – ба маънии ҷанг андохтан.

Он гурзе[1], ки паҳлавон дорад ва агар онро ба сари фил занад, мағзҳои вай пош мехӯрад.

Рӯзе, ки паҳлавон хабари омад-омади филро шунид, он гурзро созонда буд ва вазни он гурз ҳафт ман[2] аст ба санги Хуросон. Паҳлавон он гурзро ҳамеша бо худ дорад.

Султон ба Саидбадр гуфт:– Ин ҳинду рост мегӯяд.

Саидбадр гуфт:– Ман паҳлавонро аз он гурз ҷудо мекунам.

Чун Саидбадр ба хонаи худ баргашт ба паҳлавон Муҳаммади Молонӣ кас фиристода ба ӯ расонид, ки:– Ман аз лоф ва калонгирии фарзандон ба ҷон омадаам, ки:– «ман гурзи паҳлавонро кор фармуда метавонам», дигаре мегӯяд, ки:– «ман он гурзро чанд навбат пайдарҳам ба ҳаво меандозам ва боз мегирам», саввумин мегӯяд:– «ман он гурзро ба даст гирифта сад бор бефосила ба ҳаво бурда гирд мегардонам». Шумо марҳамат карда он гурзро фиристонед, ки бо озмоиш гардани даъвии ин лофзанҳоро нарм созам[3].

Паҳлавон аз ин макр ғофил монда гурзи худро ба Саидбадр фиристод.

Саидбадр баъд аз ба даст даровардани гурз фавран ба пеши султон рафта ба ӯ гуфт:

- Мо кори худро тамом кардем, дигар шумо медонед.

## Савол ва супориш

**1.Вокеаи тӯҳфа шудани филро ба Султон Ҳусайн Мирзо гуфта диҳед.**

**2.Чаро калонгарии паҳлавон ба подшоҳ писанд наомад?**

**3.Саидбадр чӣ ҳиларо пеш гирифт, оё рафтори чунин шахсон ба шумоён писанд аст?**

**4.Антонимҳои калимаҳои «ғурур» ва «танбеҳ», «калонгарӣ» ва «ихтеҳзо»-ро ёбед.**

---

[1] **Гурз** – амуди оханин, як навъ олоти ҷангии пешинаи дастадори саркулӯла.

[2] **Ҳафт ман ба санги Хуросон** – тахминан як пуд (18 килограмм).

[3] **Гардани даъвии ин лофзанро нарм сохтан** – яъне ғуруру фахри ноҳақи онҳоро фурӯ нишонам.

Султон Тайфури пайк (шотир)-ро, ки ҳамаи муқаррабони даргоҳ[1] ҳалқаи бандагии ӯро дар гӯш доштанд, фиристод, ки паҳлавон Муҳаммади Молониро дарҳол биёранд ва ӯ ба мӯза пӯшидан машғул нашуда ва ба ҳар вазъияте ки бошад, зуд ояд.

Паҳлавон дар хаймаи худ дар хоби нимрӯзӣ буд, ки Тайфур ба ӯ рафта фармони Султонро расонид. Паҳлавон аз аҳвол пай бурда ба ходимони худ гуфт:

- Зуд рафта гурзро аз Саидбадр биёред! Тайфур гуфт: - Ҳоло ба гурз мунтазир шудан мумкин нест, бояд ҳамин ҳоло ба дарбор ҳозир шавед.

Паҳлавон аз рӯи пироҳан такбанде[2] ба миён баста яктаҳе[3] аз рӯй пӯшида бо кафши сарипой (бемӯза) рӯ ба даргоҳ овард.

Султон пеш аз фиристодани Тайфур ба филбон фармуда буд, ки чанд шиша шароб ба ҳалқуми[4] фил рехта вайро сармаст карда буданд. Чун паҳлавон ба саропарда[5] наздик расид, фармон дод, ки филро ба он ангезонда[6] сар диҳанд.

Паҳлавон дид, ки фил ба тарафи ӯ ба қасди ҳуҷум меояд, дарҳол яктаҳи худро аз тан кашид ва дасторашро ба вай печида ба канорае ҳаво дод, остини пироҳанро то оринҷ барзад, домани пироҳанро дар такбанде, ки ба миён дошт, устувор кард ва як пои худро пеш ниҳода ба муқобили фил мустаҳкам истод.

Фил хартуми манорамонанди худро ҳамоилвор бар дӯши паҳлавон ниҳода дар зери бағал кашид, ки пошнаҳои пои паҳ-лавон қариб аз замин бардошта шуд. Чун қуввати дигаре ба кор даровард танҳо нӯгҳои ангушти пои ӯ бар замин монд.

Паҳлавон бо худ андешид, ки агар фил як зӯри дигар ба

---

[1] **Муқаррабони даргоҳ** – наздикони даргоҳ (хушомадгӯёни шоҳ).

[2] **Такбанд** – рӯймоле, ки аз таки курта баста мешавад, фӯта.

[3] **Яктаҳ** – ҷомаи беастар.

[4] **Ҳалқум** – гулӯ, хекиртак.

[5] **Саропарда** – хаймаи бузурги шоҳона, чодири шоҳона.

[6] **Ангезондан** – шӯрондан.

қор барад, ӯро чун гирдоб ба ҳаво бурда бар замин хоҳад зад, ки устухонҳои ӯ рез-рез мешаванд. Бинобар ин паҳлавон лангаре андохт, ки ҳар ду кафи пояш бар замин қарор гирифт ва худ ба зери фил майлон[1] карда бар шиками ӯ бо қоидаи гӯштингирӣ линги камарӣ[2] задан сар кард. Фил ба он зарба тоб наёварда гирд гаштан гирифт. Филбон дарҳол худро аз болои фил ба зер андохт, ки чор пои ӯ монанди чор сутун бар ҳаво рост шуд.

Ғиреви[3] таҳсин ва офарин аз халоиқ бархест. Султон фармуд, ки як баркаш (лаълӣ) пур аз зари сурху сафед оварда ба сари паҳлавон нисор[4] карданд ва фишангҳо[5] оварда филро ба онҳо бардошта аз ҷояш рост бархезонданд.

### Савол ва супориш

1. **Киро Султон ба назди паҳлавон фиристод ва чӣ ҳодиса рӯй дод?**
2. **Паҳлавон чӣ тадбире андешид, то ки қурбони чунин як ҳодиса нашавад?**
3. **Дар ин муҳориба кӣ ғолиб омад?**
4. **Ба ин порчаи мутолиашуда номи мувофиқ гузоред.**
5. **Хислатҳои беҳтарини паҳлавонро байни худ муҳокима намоед.**

Баъд аз чанд рӯз филбон ба назди паҳлавон омада гуфт:

– Аз он рӯз боз, ки шумо филро ғалтондед ва ӯро забун[6] сохтед, вай кинаи шуморо дар дил гирифтааст ва шабҳо чашм аз хаймаи шумо намеканад. Метарсам, ки ман ғофил монам[7] ва аз ин ҷонвар нисбат ба шумо ҳаракати баде сар бизанад ва ман ҳам дар балои вай гирифтор гардам.

[1] **Майлон кардан** – майлу хоҳиш овардан.
[2] **Линги камарӣ** – пои дукатшуда, по ба пои дигар печондан.
[3] **Ғирев** – ғулғула, шурӯ ғавғо.
[4] **Нисор** – бахшиш, инъом.
[5] **Фишанг** – асбоби болобардоранда.
[6] **Забун** – мағлуб сохтан, шикастхӯрда.
[7] **Ғофил мондан** – бехабар мондан.

Паҳлавон гуфт: - Ту имшаб мустаҳкам кардани филро саҳл гир[1] ва худро ба нодонӣ зада гузор, ки ба ҷониби мо ояд ва мо ӯро «меҳмондорие» кунем, ки баъд аз ин ин гуна дағдағаҳо дар хотири вай намонад.

Чун намози шом паҳлавон ба ходимони худ фармуд, ки ҷойхоби ӯро дар даруни хайма дар пеши сутун паҳн карданд, яктаҳи ӯро бар рӯи ҷойхоб пӯшонданд ва дасторашро бар тарафи саргаҳи ҷойхоб гузошта чунон сохтанд, ки паҳлавон дар он ҷо хобидааст.

Баъд аз он паҳлавон гурзи худро гирифта бо ҷамъе аз ҷавонон дар гӯшае нигарон нишаст. Чун ду пос аз шаб гузашт, диданд, ки фил аз ҷониби ӯрду[2] монанди кӯҳи сиёҳе пайдо шуд ва ба дари хайма омада ба атроф ва ҷавониб нигоҳ карда худро ёзонда ба дарун даромад ва паҳлавонро дар бистар гумон карда вайро дар зери синаи худ гирифта, ба молиш додан сар кард.

Паҳлавон ба ҷамоати худ расида омада танобҳои хаймаро канданд ва аз ҳар тараф бар поҳои фил печонданд, паҳлавон бо он гурз бар бадани фил задан гирифт ва фили бечора ба фарёд кардан даромад, чунон ки ҳама аз дуру наздик хабардор гардида ҳаёҳӯй бардоштанд.

Султон аз хоб бедор шуда пурсид, ки:

- Ин чӣ ғулғула ва ғавғо аст?

- Шоҳо, фил бар сари паҳлавон шабохун[3] овардааст ва паҳлавон хабардор шуда ӯро дар зери зарбу лат кашидааст! – гуфтанд.

Султон машъалҳо афрӯхта қариб бо ҳазор кас аз аҳли дарбор савори аспҳо шуда ба хаймаи паҳлавон расида омаданд.

Подшоҳ ба паҳлавон наздик расида:

– Эй паҳлавон мурувват[4] – гӯён фарёд баровард.

Паҳлавон пеш давида ба зону зада гуфт:

---

[1] **Саҳл гир** – осон гир (суст гир).

[2] **Ӯрду** – лашкаргоҳ, кароргоҳи қӯшун.

[3] **Шабохун** – шабона ба душман ҳуҷум овардан.

[4] **Мурувват** – инсоф.

– Ин ҷонвар маро қариб тамоман ҳалок карда буд. Алҳамдулиллоҳ, ки ба баракати давлати шумо хабардор шуда адабашро додам.

Султон гуноҳи филро аз паҳлавон талабида ӯро халос гардонд, ки ба филхонааш баргардониданд.

Султон чанд сар аспу гӯсфанд кушта тӯй дода паҳлавонро бо фил оштӣ дод».

### Савол ва супориш

1. Филбон ба паҳлавон чӣ ҳикоя кард, сабаби ташвиши ӯ дар чӣ буд?
2. Паҳлавон чӣ тадбире андешид, воқеаро батафсил нақл карда диҳед.
3. Аз ҳодисаи байни паҳлавонон ва фил киҳо воқиф гаштанд?
4. Ба ин пора номи мувофиқ гузоред.

## ЁДДОШТҲОИ ВОСИФӢ ДАР БОРАИ ХОҲАРЗОДАИ ПАҲЛАВОН АБӮСАИД - ДАРВЕШМУҲАММАД

Восифӣ аз Хоҷа Маҳмуди Тойбодӣ нақл карда мегӯяд: «Паҳлавон Муҳаммад Абӯсаидро хоҳарзодае буд, ки Дарвешмуҳаммад ном дошт. Ӯ дар ҳафтсолагӣ толибилми хуб шуда буд. Устоди ӯ Мавлоно Шайх Ҳусайн мегуфт, ки: «Дарвешмуҳаммад бо ҳар касе, ки ба мунозира[1] дарояд, моро ба роҳи он кас раҳм меояд. Зеро ки Дарвешмуҳаммад то он касро ба замин нашинонад ва мулзам[2] накунад, даст аз вай боз надорад».

Аммо чунон ки мегӯянд «дар ҳар чиз як офат бошад, дар илм офатҳост». Дарвешмуҳаммадро офат расид: дар Ҳирот овозае пайдо шуд, ки Паҳлавони Рустоӣ ном паҳлавонест, ки аз подшоҳон маншури[3] закӣ гирифта даъво карда, ки «ба

[1] **Мунозира** – баҳс ва гуфтугӯ доир ба кашфи ҳақиқати ягон масъала.
[2] **Мулзам** – мағлубшуда дар мубоҳиса.
[3] **Маншур** – ярлик, роҳхат, фармон.

Хуросон меравам, паҳлавон мири такянишин[1] (Муҳаммад Абӯсаид)-ро ҳалқа ба гӯш мекунам».

Ба шунидани ин хабар паҳлавон Муҳаммад Абӯсаид хоҳарзодаи худ Дарвешмуҳаммадро аз таҳсили илм боздошта ба варзиши гӯштингирӣ даровард.

Ӯ даҳ нафар ҷавонони навхезро фармуд, ки ҳар рӯз бо Дарвешмуҳаммад ягон-ягон талош мекарданд. Ва ӯ ҳар кадоми онҳоро дар гӯштин мегалтонд.

Паҳлавон Абӯсаид баъд аз он ҳар бор ду касро ба муқобили Дарвешмуҳаммад монд. Вақте ки ӯ иқтидори ба ду кас ғалаба карданро пайдо кард, се касро ва баъд аз он чор касро фармуд, ки ба Дарвешмуҳаммад якбора гӯштин мегирифтанд ва ӯ ҳар чаҳори онҳоро ҳам болои ҳам ба хок мехобонид ва забун[2] мекард.

Баъд аз он паҳлавон фармуд, ки қанореро[3] пур аз реги намнок карданд, ки ба санги Хуросон сад ман (тахминан 12 пуд) меомад. Дарвеш якто дасти худро дар зери қанор меда-ровард ва бо дасти дигараш аз гӯлугоҳ гирифта аз замин бардошта аз болои сари худ гузаронида ба қафо мепартофт. Кам-кам вазни реги ин қанорро ба дусад ман (24 пуд) баровarданд. Баъд аз он паҳлавон фармуд, ки ҷуволеро пур аз рег карда ба равзанаи[4] хона овехта, ҷавонон банди вайро нигоҳ дошта меистоданд. Вақте ки Дарвешмуҳаммад дар зери ҷувол дар баробари равзана омада меистод, ҷавонон аз нигоҳдории он ҷувол даст боз медоштанд.

Ҷувол бо зарбаи пуршиддат ба китфи ӯ меомад ва ӯ ҷуволро бо дастони худ гирифта ба дур ҳаво медод.

Чун варзиши Дарвешмуҳаммад ба ин дараҷа расид, паҳлавон Абӯсаид ба ӯ гуфт:

– Акнун дили мо як қадар ҷамъ шуд. Аммо ба ҳамин гуна

[1] **Такянишин** – чизе, ки бар он пушт гузоранд.
[2] **Забун** – нотавон, заиф, суст.
[3] **Қанор** – ҷуволи калон.
[4] **Равзана** – сӯрохест дар девор ё шифти хона барои баромадани дуди оташдон ва даромадани рӯшноӣ.

варзишҳоро давом кардан лозим аст.

Баъд аз се сол, ки Дарвешмуҳаммад дар сар то сари ин муддат варзиш мекард, Паҳлавони Рустой ба Хуросон омад. Вакте ки паҳлавони мазкур ба деҳаи Ҳӯсӯ расид, паҳлавон Абӯсаид фармуд, ки гӯштингирони мӯътабари Ҳирот бо тӯҳфа ва ҳадяҳо ба пешвози ӯ баромада вайро бо иззату эҳтироми тамом ба Ҳирот даровардаанд.

Паҳлавон Абӯсаид фармуд, ки гӯштингирони Ҳирот паҳлавони меҳмонро 10 рӯз меҳмондорӣ кунанд ва дар ин муддат Дарвешмуҳаммад боз варзишҳои дурусттар намояд.

Султон Ҳусайнмирзо аз Паҳлавони олам пурсид, ки дар бораи ин паҳлавон чӣ фикр дорад ва кадом паҳлавонро бо вай гӯштин мегиронад?

Паҳлавон гуфт: – Ятимаке ҳаст, ки такяро рӯфтурӯб мекунад, ин корро ба вай ҳавола мекунам.

– Он ятимак кист? – гуфта пурсид Султон.

– Дарвешмуҳаммад! – гуфта ҷавоб дод Паҳлавони олам.

Султон дар ҳайрат ва таҳлукаву тааҷҷуб афтода гуфт:

– Вай хурдсол аст. Баногоҳ беномусие рӯй надиҳад?

Паҳлавон гуфт: – Умед аст, ки сабаби обрӯ ва номус гардад.

Султон фармуд, ки ҳавзи Боғизоғонро хушконанд, даруни ҳавз майдони гӯштӣ муқаррар шуд, тамошобинон ба гирдогирди ҳавз гун шуданд, шоҳзодагон, амалдорони

### Савол ва супориш

**1.Ҳикоятро хонда бигӯед, ки Дарвешмуҳаммад кӣ буд?**
**2.Ӯро Муҳаммад Абӯсаид чӣ гуна машқ медод?**
**3.Машқи бадан гарави чист?**
**4.Дарвешмуҳаммад дар натиҷаи машқи пайӣпай ба кадом дараҷа расид?**
**5.Паҳлавони номи Рустой барои чӣ ба Хуросон омад? Ӯ чӣ даъво дошт?**
**6.Гуфтугӯи байни Султон ва Паҳлавони оламро бори дигар хонед.**

бузург ба чортоқҳо[1] нишастанд.

Паҳлавонон бараҳна шуда, танҳо дар зери туибони[2] гӯштингирӣ ба майдон даромада, бо ҳам рӯ ба рӯ шуда ба якдигар овехтанд.

Дарвешмуҳаммад паҳлавони Рустоиро монанди тифле аз замин боло бардошта ва бар сари даст гирифта чархе зада бар замин зад, ки замини майдон ба ларза даромад ва аз сар то пошнаи пои ӯ бар замин нақш баст. Ғиреви[3] таҳсин ва офарин аз халоиқ баромада ба фалак печид.

Паҳлавони Рустоӣ аз ҷой бархоста дар гиря шуда ба подшоҳ гуфт:

- Шоҳо, ин ҷамоат сеҳр кардаанд ва маро бастанд, ки ёрои ҳеҷ ҳаракат намонд.

Султон гуфт: - Ин гуна суханҳо бемаънӣ аст. Агар боз гӯштӣ гирифтан хоҳӣ, то се навбат ба ту дастур ва ихтиёр дода мешавад.

Паҳлавон гуфт: - Агар ман одамӣ бошам, ҳамин як бор бас аст.

Султон бар аҳли дарбори худ гуфт: - Ҳар кӣ сари маро дӯст дорад, ба Дарвешмуҳаммад инъом диҳад.

Чунин гӯянд, ки дар он маърака сад ҳазор танга ба Дарвешмуҳаммад инъом[4] дод. Ӯ ҳамаи ин маблағро ба Рустоӣ дода гуфт:

- Маро ҳамин обрӯ ва эътиборе, ки дар ин гӯштӣ ҳосил шуд, бас аст, шумо аз мамлакати худ умедвор ба ин диёр омадаед, дасти тиҳӣ[5] наравед».

## Савол ва супориш

**1.Майдондории ду паҳлавонро нақл кунед.**
**2.Паҳлавони Рустоӣ баъди мағлубият чӣ кард?**
**3.Дарвешмуҳаммад чӣ ҷавонмардӣ кард?**

---

[1] **Чорток** – айвон.
[2] **Туибон** – шалвор.
[3] **Ғирев** – ғулғула, шурӯ, гавғо.
[4] **Инъом** – ҳадя, мукофот.
[5] **Тиҳӣ** – холӣ.

**4.Ба Муҳаммад Абӯсаид, Муҳаммади Молонӣ ва Дарвешмуҳаммад дар алоҳидагӣ тавсифнома диҳед.**
**5.Оё дар ҳаёт чунин паҳлавононро дидаед ва дар бораи онҳо чизе хондаед? Нақл кунед.**

## АВВАЛ АНДЕША ВА БАЪД ГУФТОР

«Хон дар пеши Мавлоно Маҳмуди Азизони Балхӣ аз «**Қофия**» дарс мехондааст, ки вақти он дарс шабона будааст. Дар ҳузури аҳли маҷлис дарсеро сар кардааст. Мавлоно Маҳмуди Муншӣ ба болои як масъалаи наҳвӣ ба устоди хон[1] эътироз карданд. Устод ҷавоб доданд, аммо ҷавоб нодуруст буд. Фақир[2] низ ба масъала ҳамроҳ шуда фикри худро арз кардам. Аҳли маҷлис фикри маро мувофиқ ёфтанд. Ба ин сабаб ба Мавлоно Маҳмуди Азизон дигаргунӣ рӯй дод. Хонро ҳам ба сабаби нодонии устоди худ хиҷолате даст дод. Бинобар ин китобро дар тоқча гузошта гуфт:

– Имшаб дарс лозим нест. Мавлоно Восифӣ меҳмонанд. Аз он кас ҳикоя ва латифаҳо шунавем. Баъд аз он ба фақир фармуд: – Шунида шуд, ки дар Ҳирот Мавлоно Дарвеши Шамърез ном девонае будааст. Аз вай латифаҳои намакин нақл мекунанд. Агар якчанд чиз аз аҳволи он девона нақл намоед, муносиб менамояд».

Восифӣ аз Дарвеши Девона се латифаро нақл менамояд, ки ба таҳсини маҷлис сазовор гардидааст.

Баъд Восифӣ мегӯяд:

«Ҳофиз Меросӣ, ки имоми хон буд, аз камоли ҳасад бетоқат шуд ва ба хон арз кард:

– Маро ҳам ҳикояти ширин бисёранд. Агар рухсат шавад, яке аз онҳоро ба арзи олӣ расонам[3]?

Хон аз ин сабукӣ ва изҳори ҳасад аз ӯ ранҷиданд ва рӯй турш карда фармуданд?

– Бигӯй, он чӣ мегӯӣ!

---

[1] **Хон** - ба маънои подшоҳ, шоҳ.

[2] **Фақир** – камина, ман (аз рӯи хоксорӣ).

[3] **Ба арзи олӣ расондан** – ба арзи подшоҳ расондан.

Ҳофиз ба сухан даромада ҳикояи бемаъние кард, ки дар охири он, мурдорпошии девонае буд ба касе. Ӯ рӯ ба рӯи хон нишаста буд. Вақте ки вай охири ҳикояи худро мегуфт, бо ду дасти худ, гӯё ки он мурдорро мепошида бошад, ба тарафи хон ишора мекард.

Хон бо дидани ин ҳол чунон дигаргун ва оташин шуд, ки гӯё як лаган оташро бар сараш рехта бошанд. Баъд аз қадре паст кардани хашми худ фармуд:

– Имшаб ба ғайр аз Мавлоно Восифӣ дигаре ҳикоят нагӯяд, Пас аз он ба фақир хитоб намуда фармуданд: – Ҳикояте кунед, ки кудурати аз ҳикояи Ҳофиз рӯйдодаро бартараф кунад!

Фақир арз кардам: «Дар замони қадим марди қашшоқи бечизе буд, ки аз бечизӣ бисёр ба танг омадааст. Охир ба подшоҳи замони худ ариза навиштааст, ки «... Ман нону чурғотхӯриро бисёр хуб медонам. Агар рухсати олӣ шавад, ба ҳузури пурнур даромада нону чурғотхӯрии худро нишон диҳам».

Подшоҳ аз мазмуни ин ариза ба таааҷҷуб афтода рухсат додааст, ки он шахс ба ҳузур дарояд ва баъд аз омадани ӯ фармудааст, ки дар пеши вай як коса чурғот бо нон оварда мондаанд.

Он шахс нонро ба чурғот пора карда рӯи косаро бо рӯймоли худ пӯшонда мондааст. Баъд аз он ҳикояте ширин ба подшоҳ нақл кардааст. Пас аз тамом шудани ҳикоят рӯи чурғотро кушодааст ва чурғоти дар нон ҳалёфтаро чунон хӯрдааст, ки қатрае ба ҷое начакидааст.

Подшоҳ аз корҳои ин мискин хушвақт шуда, ба ӯ ҳазор танга инъом кардааст, ки ӯ аз бечизӣ халос шуда ашёи рӯзгори худро ба хубӣ омода намудааст.

Дар ҳамсоягии он шахс фақири дигаре будааст, ки ӯ баногоҳ давлатманд шудани ҳамсояи худро дида аз вай аз куҷо ёфт шудани он ҳама молу асбобро пурсидааст.

Ӯ гуфтааст, ки: – Ба пеши подшоҳ рафта нону чурғот хӯрдам. Подшоҳ ба ман маблағи калоне инъом кард ва бо он маблағ асбоби худро рост кардам.

Ҳамсояи фақир бо шунидани ин ҷавоб пайи пеши подшоҳ чурғотхӯрӣ афтода, ба ҳамон мазмун ариза додааст.

Подшоҳ ин одамро ҳам монанди ҷурғотхӯри пештара латифагӯй гумон карда ба ҳузураш рухсат дода ба пешаш нону ҷурғот ниҳодааст.

Ин шахс ба нону ҷурғотхӯрӣ сар карда, порае нонро ба ҷурғот ғӯтонда бардошта, қисмеро ба палос, қисмеро ба либоси худ чаконида, ба даҳонаш андохтааст, ки ришу мӯйлабаш ҳам ҷурғотолуда шудааст.

Подшоҳ пурсидааст, ки: «Нону ҷурғотхӯрии ту ҳамин тавр будааст? Ӯ ҷавоб додааст, ки «Бале чунин аст».

Подшоҳ фармудааст, ӯро даҳ бунигарданӣ[1] зада аз қаср бароварда дур кунанд.

Чун ин ҳикоят гуфта шуд, ғулғулаи ханда аз маҷлис бархост, касоне, ки аз Ҳофиз кина дар дил доштаанд, гуфтанд:

Бӯрёбоф гарчи бофандааст,
Набарандаш ба коргоҳи ҳарир[2].

Чун рӯзона, кайфияти маҷлиси шабона ба арзи махдумӣ[3] - Мавлоно Саидшамсуддин Муҳаммади Қурт расид, бисёр хандиданд ва гуфтанд:

– Мо аҳмақии Мавлоно Маҳмуди Азизон ва аблаҳии Ҳофиз Меросиро хуб медонистем. Чун онҳо аз ҷумлаи наздикони хон буданд, ин маъниро изҳор кардан наметавонистем. Хуб шудааст, ки шумо дар ҳузури хон парда аз рӯи ҷаҳолати онҳо бардоштаед...»

## Савол ва супориш

1. Қисса аз тарафи кӣ нақл карда шудааст?
2. Иштироккунандагони он киҳоянд? Барои чӣ хон аз нақли Ҳофиз Меросӣ дар хиҷолат монд ва оташин гардид?
3. Восифӣ барои аз кудурат баровардани табъи хон кадом ҳикоятро нақл кард.
4. Чаро ҳикоя «Аввал андеша ва баъд гуфтор» номида

[1] **Даҳ бунигарданӣ** – даҳ бор ба паси гардан задан.
[2] **Ҳарир** – абрешим, шохӣ.
[3] **Арзи махдумӣ** – арзи хӯҷаин, арзи хоҷа.

**шудааст?**

**5.Таъсирбахш баён намудани ҳикоят, ё нақле ба кадом фазилати шахс вобаста аст?**

**6.Чаро аз нақлҳои Восифӣ хотири хон болида мегардад?**

**7.Мазмуни матн ба Шумо чӣ таассуроте боқӣ гузошт?**

**8.Пурҷозиба ва таъсирбахш баён намудани ҳикоя ва латифаҳоро машқ кунед.**

## МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ ТАНОСУБИ СУХАН

Мутаносибии сухан чизи асосист. Агар дар назм ва ҳам дар наср таносуби сухан риоя нашавад, мавзуният, равоният ва ҳусни маънӣ халалдор мегардад. Шоир дар як байт калимаҳоеро меорад, ки аз ҷиҳати мазмун ба ҳам иртиботи қавӣ доранд. Чунончи, агар калимаи **дарё** омада бошад, ҳатман калимаҳои **мавҷ**, **дурр**, **садаф** ва ғайра низ бояд зикр ёбанд.

Ба ин байтҳо диққат диҳед:

Рӯ намеорад ба хони ҳеҷ кас соҳибҳунар,
Боғбон ризқи худ аз пушти гулистон мехӯрад.

**Сайидо**

Ҷаҳонподшоҳо, дар инсоф кӯш,
Зи ҷоми адолат майи соф нӯш.

**Ҷомӣ**

Дар байти аввал калимаҳои **соҳибҳунар, боғбон, ризқ, гулистон, мехӯрад** ва дар байти дигар **ҷаҳонподшоҳо, инсоф, адолат** байни худ муносибати яклухт доранд, яъне таносуби сухан риоя шудааст. Риоя шудани муносибати суханро санъати сухан мегӯянд.



# АҲМАДИ ДОНИШ

Аҳмад Маҳдуми Дониш соли 1827 дар Бухоро дар оилаи Носир ном шахси камбағал ба дунё омадааст.

Устод Садриддин Айнӣ дар «Ёддоштҳо»-и худ аз рӯи баёноти Ҳомидбеги Ҳомид, ки яке аз дӯстони наздики Аҳмади Дониш буд, тарзи зиндагонии ӯро дар охирҳои ҳаёташ ин тавр тасвир мекунад:

«Аз рӯи қавли Ҳомидбег, Аҳмад Маҳдум ҳар рӯз саҳар аз хоб хеста, баъд аз бомдод ва пеш аз баромадани офтоб як кулчаи равғанизардиро бо ним коса чойи қаймокӣ хӯрда, боз ба кор менишаст...»

Аз рӯи гуфтаҳои Садриддин Айнӣ: – «Ин одам (яъне Аҳмади Дониш) қомати баланде дошт, баландии қоматаш ба дараҷае, ки ҷомаи банораси подшоҳии дар тан доштааш баробари зонуяш буд ва ҳол он ки ин гуна ҷома дар тани одамони оддӣ ба замин мерасид. Тани ин одам ба тарзе пурра буд, ки баландии қоматаш он қадар ҳис карда намешуд ва ба назар миёнақад менамуд. Гӯё дарзии табиат қаду бари ин касро ба он андозаи бисёр муносиб бурида дӯхта буд. Гардани ин кас ҳам мувофиқи қадаш дароз ва муносиби баданаш пурра буд.

Аммо сари ин одам аз одат берун калон буд. Шояд бори он каллаи калон ба он гардани дароз, бо вуҷуди пурра будани он, вазнинӣ мекарда бошад, ки дар вақти роҳ рафтан гарданаш гоҳ ба ин тараф ва гоҳ ба он тараф хам мехӯрд ва гӯё гардан мехост, ки дар бардоштани он сар аз бозувони соҳибаш мадад гирад.

Рӯи ин шахс сабзина ва пурра буд ва бо вуҷуди ин синни ин касро аз шаст боло тахмин кардан мумкин буд, ба рӯяш он қадар чинҳои ҳискардашаванда наменамуд. Риши ӯ миёна ва кулӯта (лӯнда) буда, торҳои сафедаш аз сиёҳаш бештар менамуд.